№9 (120)
29 сентябри соли 2018

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

Строительная газета

e-mail: binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:

**ОҒОЗИ БУНЁДИ НУҲ КОРХОНАИ НАВИ САНОАТӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**



>> 3 >>

**БИНОКОРОН - ПАЙРАВОНИ СИЁСАТИ БУНЁДКОРОНА**



>> 7 >>

**САҲМИ МЕЪМОРОН ДАР ОБОДИИ ВАТАН АРЗАНДА АСТ**



>> 13 >>

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ





Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт. Пешвои миллат иштирокдоронро ба сарзамини Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба кори он бурдборӣ таманно намуданд. Сипас Раиси Кумитаи иҷроия - котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев оид ба раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот дода, фаъолияти онро баланд арзёбӣ кард.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласа сарони кишварҳо доир ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва ҳамгироии мутақобила дар доираи Иттиҳод табодули афкор менамоянд. Ҳамчунин иштирокдорони ҷаласа доираи васеи масъалаҳои марбут ба рушд ва тақвияти ҳамкориро дар самтҳои асосии фаъолияти ИДМ мавриди муҳокима қарор медиҳанд.

Хотиррасон мешавем, ки тайи як сол Тоҷикистон раёсати ИДМ-ро бар зимма дошт. Аниқтараш, 12 октябри соли 2017 дар нишасти сарони давлатҳо дар шаҳри Сочи раёсати ИДМ барои як соли дигар - соли 2018-ро Тоҷикистон ба уҳда гирифт.

Дар ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил /ИДМ/, ки айни ҳол дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе оғоз гардидааст, сарони давлатҳои Беларус - Александр Лукашенко, Қазоқистон - Нурсултон Назарбоев, Қирғизистон - Сооронбой Жээнбеков, Озарбойҷон - Илҳом Алиев, Молдова - Игор Додон, Ӯзбекистон - Шавкат Мирзиёев, Русия - Владимир Путин, Арманистон - Никол Пашинян ва муовини Сарвазири Туркманистон - Пурли Агамурадов иштирок доранд.

Барои инъикоси ин чорабинии сиёсӣ дар маркази матбуоти Кохи Сомон ҳоло 500 нафар хабарнигорони хориҷиву дохилӣ ҷамъ омадаанд ва ҷараёни ҷаласаи сарони кишварҳои ИДМ-ро пайгирӣ ва инъикос менамоянд.

Пас аз нишасти хосаи сарони давлатҳо кори Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии кишварҳои аъзо ва меҳмонони ҳамоиш ҷараён гирифт.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар доираи Иттиҳод, натиҷаи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳод ва мавзӯҳои асосии дигар, аз қабили қабули таъмини амният ва чораҷӯии фаврӣ бар зидди таҳдидҳои глобалӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва паҳншавии ғайриқонунии силоҳ, ҳалли мушкилоти масъалаҳо оид ба таъмини амният дар қисми ҷанубии Иттиҳод, интихоби раёсати Иттиҳод дар соли 2019 ва дигар мавзӯҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки дар давраи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм, маориф, сиёсати ҷавонон, тандурустӣ, варзиш ва сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Дар ин давра бо ҷонибдории кишварҳои аъзои Иттиҳод бастаи калони санадҳо омода шуда, барои рушди шарикии гуманитарӣ қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар ҷараёни ҷаласа сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба натиҷаҳои раёсати Тоҷикистон дар Иттиҳод барои дар сатҳи баланд ташкил кардани Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳод ва пазироию меҳмоннавозии самимӣ баҳои баланд доданд.

Дар интиҳои кори Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як қатор қарорҳо ба имзо расид.

Дар бораи натиҷаҳои кори Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Кумитаи иҷроия - котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон изҳорот доданд.

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ РӮИ НАТИҶАҲОИ ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ





Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,

Чанд лаҳза қабл ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил анҷом ёфт.

Дар рафти ҷаласаҳои хосса ва бо иштироки ҳайатҳо оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҷаласа табодули афкори пурмуҳтаво сурат гирифта, доир ба ҳамкории минбаъда дар доираи Созмонамон қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Мо ба масъалаи таҳкими минбаъдаи ҳамгироии кишварҳои иштирокдори ИДМ дар соҳаҳои таъмини амнияту субот дар қаламрави Иттиҳод, ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ дар истеҳсолот, энергетика, нақлиёту коммуникатсия, аз ҷумла, дар масъалаи ҳаракати озоди мол, сармоя ва хизматрасонӣ ва фарҳангию гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудем.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷаласаи имрӯза 16 қарор ва як қатор изҳороти сиёсӣ қабул гардиданд.

Миёни онҳо Изҳороти сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ бахшида ба 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро яке аз муҳимтаринҳо мешуморем.

Ин санад ҷонибдории ҳамешагии моро дар самти ҳавасмандгардонию ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои бунёдӣ тасдиқ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи раёсати худ барои татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Консепсияи худ ба нақшагирифта кӯшиш намуд. Дар ҳамкорӣ бо кишварҳои иштирокдор, Кумитаи иҷроия, дигар мақомоти салоҳиятдор ва соҳавии Иттиҳод беш аз 100 чорабинии дорои аҳамияти умумӣ, аз ҷумла, қариб чил ҷаласаи шӯроҳои соҳавӣ гузаронида шуданд.

Ҷаласаҳои бисёре аз мақомоти соҳавӣ ва дигар мақомоти Иттиҳод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Ҷаласаҳои Шӯрои сарони ҳукуматҳо, Шӯрои вазирони адлия, Шӯроҳои ҳамоҳангсози прокурорҳои генералӣ ва роҳбарони хадамоти андоз, Шӯро оид ба сайёҳӣ, Шӯрои байнидавлатии ҳамоҳангсози роҳбарони мақомоти нозироти суғуртавӣ ва Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба карантини растанӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти раисии мо ин мустаҳкам намудани ҳамкории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар доираи Созмони Милали Муттаҳид буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳамкорӣ байни ИДМ ва СММ-ро таҳия кард.

Корҳо оид ба татбиқи Қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ оид ба мутобиқсозии ИДМ ба воқеияти имрӯза идома ёфтанд.




Корҳо оид ба навсозии муқаррароти Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ оғоз гардид.

Ба рушди ҳамкории бисёрҷонибаи иқтисодӣ диққати ҷиддӣ дода шуд.

Дар доираи раёсати мо корҳо доир ба амалисозии тадбирҳо, ки дар нақшаи чорабиниҳо оид ба давраи Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ муқаррар гардида буданд (то давраи соли 2020), инчунин дастурҳои Шартнома дар мавриди минтақаҳои озоди тиҷоратӣ идома ёфтанд.

Диққати асосӣ ба анҷоми кор оид ба омода намудани лоиҳаи Созишнома оид ба тиҷорати озоди хизматрасонӣ дода шуд.

Бо иштироки фаъоли давлатҳои аъзои ИДМ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим омода карда шуданд, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Дар миёни онҳо - Консепсияи ҳамкорӣ дар самти рушди инноватсионии энергетика ва таҳияи технологияҳои пешрафтаи энергетикӣ, Нақшаи чорабиниҳои афзалиятнок оид ба татбиқи он, Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии партовҳои дастгоҳҳои электронӣ ва электротехногенӣ дар ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо моҳи июни соли равон дар Душанбе қабулгардида мебошад.

Дар давраи раёсати кишвари мо ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои таъмини амният, ҳарбӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба ҳамгироии мутақобила ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода таваҷҷуҳи назаррас зоҳир карда шуд ва мешавад.

Дар ин замина, татбиқи санадҳои қаблан қабулшуда дар ин самтҳо амалӣ карда мешавад.

Ман Барномаи байнидавлатӣ оид ба тадбирҳои муштараки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ (солҳои 2014-2018), барномаи ҳамкорӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти хушунатомези экстремизм (солҳои 2017-2019) ва бар зидди тиҷорати одамон (солҳои 2014-2018), инчунин оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ анҷом дода мешаванд (солҳои 2016-2020)-ро дар назар дорам.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷаласаи имрӯза доир ба татбиқи Барномаи панҷсолаи байнидавлатӣ оид ба тадбирҳои муштараки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ (солҳои 2019-2023) ва вобаста ба Созишномаи ҳамкории давлатҳои иштирокдори ИДМ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ қарорҳо қабул шуданд.

Дар самти ҳамкории фарҳангию гуманитарӣ ба татбиқи як зумра лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои илм, маориф, сиёсати ҷавонон, тандурустӣ, варзиш ва сайёҳӣ таваҷҷуҳи хосса дода шуд.

Дар доираи раёсати Тоҷикистон - дар якҷоягӣ бо кишварҳои иштирокдори ИДМ - маҷмӯи санадҳо таҳия шуда, доир ба рушди минбаъдаи шарикии гуманитарӣ қарорҳо қабул гардиданд.

Ин Нақшаи чорабиниҳои афзалиятнок дар соҳаи ҳамкории гуманитарии давлатҳои иштирокдори ИДМ (солҳои 2019-2020) ва Қарор дар бораи татбиқи Барномаи байнидавлатии «Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод» дар соли 2021 дар шаҳри Душанбе мебошад.

Қарорҳо дар бораи омодагӣ ба таҷлили 75-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар бораи дар Иттиҳод эълон намудани соли 2021 Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ муҳим ба шумор мераванд.

Мо инчунин аз қабули Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкорӣ дар самти тадқиқот ва истифодаи фазои кайҳонӣ бо мақсади сулҳ истиқбол менамоем.

Қарор қабул шуд, ки ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ 11 октябри соли 2019 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон баргузор гардад.

Дар фарҷом меҳоҳам ба сарони давлатҳои аъзои Иттиҳод барои кори пурсамарашон дар ҷаласаи баргузоргардида ва мусоидати ҳамаҷонибаашон ба раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории самимӣ изҳор намоям.

Кори фаъолонаи Кумитаи иҷроияи ИДМ дар таҳияи санадҳо ва баргузории ҷаласаи (саммити) Душанбе низ сазовори баҳои баланд мебошад.

Ҳамчунин меҳоҳам ба намояндагони воситаҳои ахбори омма барои кори фаъолонаашон дар инъикоси тамоми чорабиниҳое, ки дар доираи раёсати Тоҷикистон дар Иттиҳод баргузор гардиданд, миннатдорӣ баён дорам.

Ташаккур барои таваҷҷуҳ.

***АМИТ «Ховар»***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№9 (120)
29 сентябри соли 2018







# ОҒОЗИ БУНЁДИ НУҲ КОРХОНАИ НАВИ САНОАТӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар буриши кӯчаҳои Айнӣ ва Зебуниссои ноҳияи Шоҳмансури пойтахт рӯзи 20-уми сентябри соли равон ба бунёди корхонаҳои нави истеҳсолии Минтақаи саноатии шаҳри Душанбе оғози расмӣ бахшиданд.

Дар ин ҷо нахуст ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи сохтмон ва иқтидору имконияти истеҳсолии 9 корхонаи нави саноатӣ, ки ба истиқболи шоистаи 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдони қариб 9 гектар бо саҳми ширкатҳои тавлидотӣ ва соҳибкорони ватанӣ сохта мешаванд, муаррифӣ карда шуд.

Иқдоми мазкур, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар заминаи ҳамкории судманди давлат бо бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад, ширкатҳои ватанӣ ва соҳибкорони инфиродӣ асосан корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти пахтагин, коргоҳи дӯхти либосҳои мардона, занона, кӯдакона ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, корхонаи маҳсулоти ордӣ, коркарди меваи хушк ва афшура аз мева, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ва яхмос, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ, корхонаи истеҳсоли профилҳо ва конструксияҳои металлӣ, корхонаи коркарди сангҳои ранга ва худҷило, корхонаи истеҳсоли маснуоти ҳифзкунанда, васлкунандаҳои барқӣ ва таҷҳизоти барқӣ, корхонаи истеҳсоли чароғпояҳои светодиодӣ ва лампаҳоро бунёд менамоянд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бо инобат гирифтани талаботи аҳолӣ ва афзоиш бахшидани иқтидори содиротии мамлакат дар ин корхонаҳо молу маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир истеҳсол карда шуда, дар марҳилаи аввал беш аз 3000 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегарданд.

Калонтарин корхонаи дар Минтақаи саноатии шаҳри Душанбе бунёдшаванда - корхонаи коркарди пахта то ҳадди ниҳоӣ ва истеҳсоли маҳсулоти пахтагин мебошад, ки бо харҷи 50 миллион сомонӣ сохта шуда, дар он зиёда аз 2000 нафар соҳиби ҷойи кор мешаванд.

Дар маҷмуъ барои бунёду муҷаҳҳазгардонии нуҳ корхонаи нави саноатӣ сарфи қариб 150 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо роҳбарони ширкатҳо ва соҳибкорон изҳор доштанд, ки дар шароити имрӯза воридоти технологияи нави инноватсионӣ имкон медиҳад, ки раванди саноатикунонӣ таъмин гардад. Бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи саноат, аз ҷумла, тавлиди молу маҳсулоти рақобатпазир таъкид гардид, ки дар корхонаҳои Минтақаи саноатии "Душанбе" технологияи муосири истеҳсоли бонуфузтарин ширкатҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Олмон, Италия, Белгия, Кореяи Ҷанубӣ ва Туркия васлу насб карда мешаванд.

Масъулони ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди "Ваҳдат", "Шаҳзода", "Грин Голд", "Норд Азия Металл", "Асрори Санг", "Ноқили Талко" ва "Технологияи барқӣ ва бехатарӣ" ба Сарвари давлат ваъда доданд, ки марҳила ба марҳила то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ корхонаҳои нав мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

Ёдовар мешавем, ки ҳадафи асосии Ҳукумати ҷумҳурӣ аз таъсиси минтақаҳои саноатию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, коркарди ашёи хом то ҳадди ниҳоӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифат, афзоиш бахшидани иқтидори содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад.




**www.president.tj**






# ЦЕРЕМОНИЯ ОТКРЫТИЯ НЕГОСУДАРСТВЕННОГО ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ «КЕМБРИДЖСКАЯ ВСЕМИРНАЯ АКАДЕМИЯ»





Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон и Председатель города Душанбе Рустами Эмомали 20 сентября сего года в торжественной обстановке в районе Шохмансур столицы открыли негосударственное общеобразовательное учреждение «Кембриджская всемирная академия».

Напомним, что Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон 28 апреля 2017 года заложил камень в фундамент этого международного учреждения Таджикистана и Британии, еще тогда напутствовал строителей на качественное выполнение работ.

По прошествии полутора лет строительство объекта завершилось на высоком архитектурном уровне, и сегодня он сдан в эксплуатацию с участием Лидера нации.

Территория учебного заведения составляет 6847 квадратных метров, а общая строительная площадь - 2345 квадратных метров. Заведение состоит из двух трёхэтажных корпусов с подвальным помещением и мансардой и одного двухэтажного корпуса. Заведение рассчитано на 500 мест для дошкольного и общеобразовательного обучения и воспитания.

Здесь размещены столовая на 150 посадочных мест, медпункт, библиотека и классы для дошкольного обучения и воспитания, а также для старшеклассников. В учреждении также имеются классы для трудового обучения, инженерный класс для изучения современных технологий, бассейн, а также специальный класс для изучения гимнастики и балета, спортзал, гардеробная и актовый зал на 90 мест.

Учебный процесс в заведении будет налажен в соответствии с государственными нормами обучения Великобритании, государственными стандартами образования Республики Таджикистан и будет проводиться на английском языке. Дошкольное обучение и воспитание будет осуществляться в центре развития детей и в период общего обучения на трех ступенях: начальном, среднем основном и общем основном.

После завершения учебы школьникам будут выданы образовательные документы государственного образца Республики Таджикистан и Великобритании, в дальнейшем они смогут продолжить учебу в высших профессиональных учебных и научных заведениях стран Европы, Америки, в Японии и других государствах.

Преподавательский состав будет укомплектован за счет лучших специалистов Великобритании и Республики Таджикистан, а занятия будут проводиться с использованием различных учебных методов.

Учредители планируют после выделения соответствующими государственными органами участка земли до 2020 года создать колледж для юношей и девушек в возрасте от 18 до 23-х лет.

После полного ознакомления с условиями и возможностями нового учебного заведения Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон дал высокую оценку начинаниям отечественных предпринимателей по строительству такого современного образовательного учреждения.

Во дворе негосударственного общеобразовательного учреждения «Кембриджская всемирная академия» Основатель мира и национального единства - Лидера нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон провел теплую и содержательную беседу с преподавателями и школьниками.

***НИАТ «Ховар»***







# ОТКРЫТИЕ ЗДАНИЯ УНИВЕРСИТЕТА ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ХОРОГЕ

14 сентября сего года Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в рамках своей поездки по Горно-Бадахшанской автономной области в торжественной обстановке сдал в эксплуатацию в Хороге здание Университета Центральной Азии.

Здание Университета Центральной Азии построено на основе международного договора между Таджикистаном, Кыргызстаном, Казахстаном и Фондом Агахана. Оно состоит из двухэтажных и трёхэтажных учебных корпусов.

Согласно генеральному плану, здание университета в целом будет создано в три этапа на площади более чем 80 гектаров. В настоящее время первая его часть, отличающаяся высоким качественным уровнем и отвечающая мировым учебным стандартам, возведена и сегодня сдана в эксплуатацию на площади около 15 гектаров.

Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в ходе ознакомления с учебными классами, рабочими кабинетами и лабораториями дал высокую оценку качеству работ и созданным условиям для обучения.

В Университете Центральной Азии занятия пока будут проводиться по двум специальностям – земледелию и охране окружающей среды и экономике, студентов будут обучать преподаватели из развитых государств мира с помощью современных средств.

В настоящее время число студентов Университета Центральной Азии составляет 150 человек. Студенты являются гражданами 7 государств – Таджикистана, Кыргызстана, Казахстана, Афганистана, Пакистана и других.

Все классы имеют современные условия для учёбы, оснащены необходимым оборудованием. Учебный процесс в университете в основном направлен на исследования, студенты с использованием современных средств, особенно компьютерной технологии, будут привлекаться к учебе и научным работам.

В ходе беседы с преподавателями и студентами Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон заявил, что по созданным здесь условиям Университет Центральной Азии равен авторитетным мировым высшим учебным заведениям, призвал серьёзно относиться к освоению знаний по специальностям, необходимым для нашей страны, таким, как земледелие и охрана окружающей среды, экономика, с тем, чтобы в будущем стать специалистами, отвечающими требованиям внутреннего и внешнего рынка труда.

Занятия в университете будут проводиться на английском языке, будут готовиться конкурентоспособные на мировом рынке специалисты. Согласно положению, студенты будут зачисляться на договорной основе, а для одарённых юношей и девушек определены льготы.

Следует отметить, что в университете имеются современный учебный корпус, библиотека, в том числе и электронная, лаборатории, рабочие кабинеты для преподавателей, столовая и комнаты для отдыха и развлечений.

Также для занятий спортом и физической закалки студентов здесь имеются фитнесс-центр, столы для настольного тенниса и другие возможности для проведения спортивных мероприятий.

Наряду с этим рядом со зданием университета построен стадион для занятий футболом, волейболом и баскетболом, а также крытый спортивный зал.

Преподаватели и студенты обеспечены современным общежитием. Оно имеет привлекательный вид, а в комнатах для проживания созданы все необходимые условия.

Университет Центральной Азии в Хороге создан при непосредственной поддержке Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Это заведение предназначено готовить специалистов мирового уровня.

***НИАТ «Ховар»***



РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета


# «РОҒУН» - АРСАИ МЕҲНАТИ ЗАРБДОР

***Тоҷикистон дар остонаи рӯйдоди муҳиме, ки дар таърихи миллат бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд***

16 ноябри соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як рӯйдоди муҳими сарнавиштсоз ба вуқуъ мепайвандад, ки он дар таърихи миллати тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад гардид. Интизор меравад, ки дар ин рӯзи фархунда чархаи аввали яке аз иншооти муҳиму бузурги аср - Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба кор дароварда шавад.

Ду сол муқаддам, 29 октябри соли 2016 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсан бо идора кардани техникаи вазнин - булдозер дар зарфи якуним соат бо сангу шағал маҷрои рӯди Вахшро бастанд ва ба бунёди сарбанди НБО «Роғун» ҳусни оғоз бахшиданд.

Пешвои миллат дар ин маросим таъкид карданд, ки бунёду барқарорсозии ин иншооти муҳиму стратегӣ барои таъмини зиндагии сазовори наслҳои имрӯзу оянда хизмат мерасонад. Он барои рушди иқтисодиёт ва дар маҷмуъ барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат заминаи мусоид фароҳам меорад. Баъди ба истифода додани неругоҳ имкон аст, ки дар кишвар даҳҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ифтитоҳ ва ҳазорҳо ҷойи нави корӣ таъсис дода шаванд.

«Сохтмони иншооти бузурги дорои аҳамияти стратегӣ - НБО «Роғун» дар рушди иқтисодиёти кишварамон нақши калидӣ мебозад», - гуфт дар суҳбат сардори Раёсати тадқиқоти макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафурҷон Расулов.

Мавсуф афзуд, ки НБО «Роғун» дар силсилаи нерӯгоҳҳои рӯди Вахш аз боло нухум буда, дар масофаи 110 километр аз шаҳри Душанбе воқеъ мебошад. НБО «Роғун» аз 6 чарха иборат буда, иқтидори ҳар кадомаш 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сарбанди нерӯгоҳи «Роғун» бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ (гиливу сангӣ) дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт-соат) калонтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» якуним баробар зиёд мебошад. Барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯгоҳ имконият медиҳад, ки эҳтиёҷи ба барқдоштаи Тоҷикистон комилан қонеъ гардад ва он барои инкишофи иқтисодиёти кишвар такон бахшад.

Бо дахли аҳамияти НБО «Роғун» сардори Раёсати тадқиқоти макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақа бунёди НБО «Роғун» аз аҳамияти бузург бархӯрдор буда, иқтидори солонаи он бештар аз 18 миллион кВт соат нерӯи барқро ташкил медиҳад. Бо ба кор даромадани 6 чархаи НБО «Роғун» Тоҷикистон имкон дорад, ки ҳам ҷумҳурӣ ва ҳам кишварҳои минтақаро бо нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза таъмин намояд. Алҳол дар ин иншооти бузурги дорои аҳамияти стратегӣ 18 ҳазор нафар коргарону муҳандисони маҳаллӣ ва мутахассисони бархе аз ширкатҳои бонуфузи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон фаъолият доранд.



Намояндаи масъули Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуд, ки сохтмони НБО «Роғун» таҳти назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. То ҷое мусаллам аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз маҳалли сохтмони ин иншооти муҳими стратегӣ боздид намуда, тавре дар боло зикр намудем, ҳатто дар сохтмони сарбанди НБО «Роғун» моҳи октябри соли 2016 иштирок намуда буданд.

Мавриди зикр аст, ки ба истифода додани агрегати аввали ин иншооти бузурги аср моҳи ноябри соли равон бештар аз 100 мегаватт нерӯи барқ истеҳсол мекунад. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо менамояд, ки ҳам талаботи дохилиро бо барқ таъмин намояд ва ҳам ба кишварҳои хориҷӣ барқ содир созад, зеро бисёре аз кишварҳои минтақа ба бунёди НБО «Роғун» таваҷҷуҳ доранд.

Инчунин аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ташхиси бозрасии фанниву зистмуҳитии НБО «Роғун» гузаронида шуд ва коршиносон ба хулосае омаданд, ки аз лиҳози экологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва бехатарӣ бунёди НБО «Роғун» мувофиқи мақсад аст ва ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Яке аз ширкатҳои бонуфузи Итолиё «Салини Импреҷило» (Salini Impregilo) ба сохтмони ин нерӯгоҳ машғул аст ва роҳбарияти ин ширкат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қавл додааст, ки чархаи аввали НБО «Роғун» моҳи ноябри соли равон ба истифода дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки бисёре аз кишварҳои минтақа ба нерӯи барқи арзон эҳтиёҷ доранд. Алҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Афғонистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон барқ содир мекунад. Интизор меравад, ки солҳои оянда ин ҷуғрофиё фарох гардад, чунки як қисмати Эрон, Покистон, Чин ва ҳатто Қирғизистон ба барқ эҳтиёҷ доранд. Махсусан дар қисмати ғарбии Чин, ки дар он ҷо бештар аз 100 миллион аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, камбудии нерӯи барқ эҳсос мегардад. Тоҷикистон солона ҳудуди 1,5 миллиард кВт-соат ба кишварҳои хориҷӣ нерӯи барқ содир менамояд.

Ғафурҷон Расулов мегӯяд, ки таъмини аҳолии кишвар бо нерӯи барқ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ буда, соли 2016 маҳдудияти нерӯи барқ дар мамлакат аз байн бардошта шуд. Инчунин дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зиёд намудани истеҳсоли нерӯи барқ ба нақша гирифта шудааст, ки тибқи он соли 2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 45 миллиард кВт-соат нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. Ин омор дар қиёс ба соли 2015 се маротиба зиёд аст.

Соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавлидоти барқ ба ҳар як нафар аҳолии мамлакат ҳудуди ду ҳазор кВт-соатро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда соли 2030 чор баробар афзуда, ба чор ҳазор кВт-соат баробар мегардад. Он имконият медиҳад, ки таъминоти мардум бо нерӯи барқ беҳтар гардида, таъминоти корхонаҳои саноатии кишвар бо неруи барқ ҳам дар минтақаҳо ва ҳам пойтахт дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Инчунин имконият фароҳам меояд, ки корхонаҳои муштараки бузурги саноатӣ бо кишварҳои хориҷӣ ташкил карда шаванд, ки дар рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми бузург хоҳанд гузошт.

Мусаллам аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи минтақавии «CASA-1000» амалӣ мегардад. «CASA-1000» лоиҳаест, ки тибқи он интиқоли нерӯи барқ аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистон ва Покистон пешбинӣ мешавад ва дар ин самт созишнома ба имзо расонида шудааст. Ин имконият медиҳад, ки ҳар сол ҳудуди 5 миллиард кВт-соат нерӯи барқ ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ содирот карда шавад, ки аз он 3 миллиард кВт-соат ба Тоҷикистон ва боқимонда ба Қирғизистон рост меояд.

Лоиҳаи «CASA-1000»-ро беш аз даҳ кишвари ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҷонибдорӣ кардаанд. Бо татбиқи лоиҳаи мазкур ва дар робита ба эътидол омадани авзои сиёсии Афғонистон дар минтақа як бозори бузурги минтақавии фурӯши нерӯи барқ ба вуҷуд меояд, ки он ҳам кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам Осиёи Ҷанубиро дар бар мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар тавлид, фурӯш ва ҳам содироти неруи барқ афзалияти бештар дорад, зеро дар Тоҷикистон дар қиёс ба дигар кишварҳо нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад, ки хеле арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза аст. Дар дигар кишварҳо барқ дар нерӯгоҳҳои ҳароратӣ истеҳсол мегардад. 98 фоизи нерӯи барқ дар кишвари мо дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад, ки он муҳити зистро ифлос ва ҳароратро гарм намекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар зарфи солҳои охир дар кишвари мо ва умуман дар сайёра раванди обшавии пиряхҳо ба назар мерасад. Ин масъала дар Созмони Милали Муттаҳид мавриди баррасӣ қарор гирифт ва ҳам дар ташаббуси байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Даҳсолаи байналмилалии об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» таъкид гардидааст, ки дар доираи он чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд. Аз ҷумла, бунёди НБО ва бештар тавлид кардани неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза.

Дар маҷмуъ, бунёди НБО «Роғун» барои Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа хеле муҳим ва дорои аҳамияти бузург буда, чархаи нахустини ин иншооти бузурги аср моҳи ноябри соли равон, агрегати дуюмаш моҳи апрели соли 2019 ба истифода дода мешаванд.

Дар ин росто, кишварҳои минтақа сохтмони ин иншооти муҳимро ҷонибдорӣ намуданд, зеро дар оянда аз он баҳра мебинанд. Бо сохтмони НБО «Роғун» об захира гардида, барои обёрии бахши кишоварзӣ, танзими об ва таъминоти нерӯи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус ҳамсоякишварҳо ва рушди иқтисоди миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши калидӣ мебозад. Аз ин ҷост, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ин иншооти стратегӣ - НБО «Роғун»-ро ҷабҳаи созандагӣ ба хотири ободӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистон арзёбӣ намудаанд. Фаъолият ва заҳматҳои шабонарӯзӣ дар ин иншооти бузург барои ҳар фарди ватандӯст - коргарон, мутахассисону муҳандисон мояи ифтихору шараф аст, зеро онҳо дар иншооте кор мекунанд, ки сарнавишту рушди миллату давлат ба он тавъам аст.

***АМИТ «Ховар»***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№9 (120)
29 сентябри соли 2018



**Чанде қабл дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун барои дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва ғайраҳо мукофотҳои давлатӣ, рутбаҳои баланди низомӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.**

**Боиси ифтихор аст, ки дар қатори мукофотгирандагон Абдуалимзода Абдукарим муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мукофоти олӣ - медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардид. Дар ин росто, хабарнигори “Рӯзномаи бинокорон” бо Абдуалимзода Абдукарим вохӯрда, суҳбате дошт, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**

# БИНОКОРОН - ПАЙРАВОНИ СИЁСАТИ БУНЁДКОРОНА



**ШИНОСНОМА:**

***Абдуалимзода Абдукарим 1-уми сентябри соли 1955 таваллуд шудааст. МТМУ №1-и маркази ноҳияи Файзободро хатм карда, маълумоти олиро соли 1977 бо ихтисоси муҳандис-бинокор дар Институти политехникӣ гирифтааст. Собиқаи умумии кориаш беш аз 40 сол аст. Аз 31-уми майи соли 2016 бо Қарори Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд ва то имрӯз дар ин вазифа кор мекунад.***

***“Аълочии маорифи Тоҷикистон” (2010 с.), “Бинокори фахрии Тоҷикистон” (2011 с.). Оиладор, соҳиби 4 фарзанд.***

***- Фикр мекунам, беҳтарин туҳфаро дар арафаи ҷашни зодрӯзатон аз Президенти кишвар соҳиб шудед, муборак бошад!***

- Бале, дуруст аст.., ташаккур!

***- Муҳандис-бинокор шудани шумо шояд тасодуфӣ набуд. Лутфан бигӯед, ки чӣ тавр ба ин дунёи зебоиофар роҳ ёфтед?***

- Бале, ман ин касбро тасодуфӣ интихоб накардаам. Дар овони ҷавониям дар назди хонаи мо сохтмони як иншооти калон мерафт ва ман бо як ҳавасу ҳисси кунҷковӣ ба тарзи кори сохтмончиёну мошинҳои онҳо нигоҳ карда, лаззат мебурдам. Ин буд, ки ҳанӯз дар синни мактабхониям мақсад гузоштам, ки сохтмончӣ мешавам. Волидайнам зид набуданд, вале мехостанд ба ман фаҳмонанд, ки ин касб бисёр мушкил аст, аммо қарори ман қатъӣ буд. Ҳамин тавр ҳуҷҷатҳоямро соли 1972 ба Институти политехникӣ (имрӯза ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ) супоридам. Таҳсил дар донишкада барои мо бисёр мушкил буд, чун дар он замон ҳеҷ як чунин технологияи ҳозира набуд ва кори мо ҳама бо коғазу қалам буд. Устодонамон низ сахтгир буданд. Дар давраи донишҷӯӣ гоҳо ҳис мекардам, ки ин роҳи интихоб намудаам мушкил аст ва аз изҳори пушаймонӣ мекардам, лекин аз роҳи худ барнагаштам, чунки дарк мекардам, ки ин роҳ душвор бошад ҳам, пурифтихор аст.

Чун имрӯз вақте ба кӯча мебароям ва ба биноҳои сохташуда нигоҳ мекунам, даврони ҷавониям ба ёд меояд ва ифтихор мекунам, ки дар ин ё он бино заррае ҳам бошад, саҳм дорам. Гоҳо бо худ ҳам мегӯям, ки агар ман дубора ба дунё меомадам, боз бинокор мешудам, зеро ин касб бунёдгарист ва аз маҳсули кори бинокор тамоми мардум истифода мебаранд.

***- Оё имрӯз дар оилаатон пайрави касби худро доред?***

- Ҳар кас шавқу завқи худро дорад ва мо бар касе ақидаи худро бор карда наметавонем, ки ту фалон касбро интихоб кун, зеро дар ин сурат мо наметавонем бо ин касби омӯхтаамон кор кунем. Имрӯз фарзандони ман ҳам ҳар кадом бо роҳи интихобкардаи худ равонанд. Бояд бигӯям, ки онҳо мактаби мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидиро хондаанд, вале танҳо Зафар роҳи санъатро интихоб кард. Аз миёни чор фарзандам танҳо Фаридун - писари хурдиям ба ман пайравӣ карда, касби сохтмончиро интихоб намудааст. Дуруст аст, ки ман ин касбро дӯст медорам, аммо бисёр вазниниҳоро дидаам ва ба ӯ низ борҳо фаҳмондаам, вале ӯ аз роҳаш барнагашт. Фаридун ҳоло дар Дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад. Ӯ низ касбашро дӯст медорад ва мебинам, ки дар чандин иншоот саҳми худро гузошта истодааст, ки ин боиси хушҳолии ман аст.

***- Аз камон то нишон дар куҷо ва дар чӣ вазифаҳо будаед?***

- Ман фаъолияти меҳнатиямро соли 1977 дар колоннаи сайёри механиконидашудаи №19 трести «Деҳотсоз»-и ноҳияи Файзобод оғоз кардам. Байни солҳои 1981 ва 1988 ҳамчун усто, прораби калон, сармуҳандис ва сардори Идораи сохтмонии №25-и “Трести механиконидашудаи махсуси сохтмон»-и Вазорати сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (имрӯза Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) адои вазифа намудаам. Як замоне муҳандиси пешбари раёсати истеҳсолии ин Вазорат будам. Аз соли 1988 то соли 1993 дар вазифаи сардори идораи махсуси сохтмони №7-и иттиҳодияи сохтмонии “Хонасоз” (“Домостроитель”) низ будам. Солҳои 1993-1995 вазифаи муовини директори Корхонаи хурди маркази истеҳсолии «Электрон»-ро бар уҳда доштам. Солҳои 1995-2000 бошад, ба ҳайси сардори корхонаи хурди №7 Ҷамъияти саҳҳомии «Душанбесохтмон»-и Ширкати давлатии сохтмонии «Тоҷиксохтмон» адои вазифа намудаам. Ҳамин тавр, аз соли 2000 то соли 2007 ба ҳайси сармутахассис ва сардори шуъбаи сохтмони асосии Идораи хоҷагии Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2007-2015 директори иҷроияи Гуруҳи татбиқи Лоиҳаҳои идомаи сохтмони мактабҳои миёна ва баъд аз чанде (31-уми майи соли 2016) ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудам.

Бояд гуфт, ки мардуми бинокор қариб дар ҳама мавсим ва ҳамеша машғули кор ҳастанд. Ёд дорам, ки соли 1983 буд ва бояд як сол баъд аз он 60-солагии ҶШС Тоҷикистон ҷашн гирифта мешуд. Гуруҳи кории мо ба сардиҳо нигоҳ накарда, шабу рӯз кор карданд ва дар ин муддат кохи Борбадро барои истиқболи ин сана омода намуданд.

***- 27-солагии Истиқлолияти давлатиро ҳам ҷашн гирифтем. Лутфан мегуфтед, ки сохтмончиёни кишвар ин ҷашнро бо чӣ дастоварде истиқбол намуданд?***

Воқеан ҳам кишвари мо ҳодисаҳои зиёдеро аз сар гузаронида, то ба ин рӯзҳо расидааст. Барои мо Истиқлолияти давлатӣ арзишмандтарин ҳадяи таърих аст ва месазад, ки бо он ифтихор кард. Дар солҳои аввали Истиқлолият дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ мерафт ва як кишвар ба ду сангар ҷудо шуда буд. Бояд гуфт, ки саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба Истиқлолияти воқеӣ басо бузург аст. Бубинед, ки мо гоҳо наметавонем моҷароҳои оилавиро бартараф кунем, аммо бузургии Ҷаноби олист, ки оромии як кишвареро, ки касе умеди ояндаи некашро надошт, таъмин карданд. Барои ҷавонон ин чиз то ҳадде таъсиррасон шояд набошад, чун онҳо ваҳшонияту даҳшати ҷангро надидаанд, лекин навобаста аз ин бояд ҳар фарди кишвар баҳри устувории Истиқлолияти давлатӣ саҳм гузорад. Илова бар ин моро зарур аст, ки пайравӣ аз ин сиёсати бунёдкорона намоем ва ҳама муттаҳиду якдил бошем, ба он хотир, ки маҳз худхоҳиву қавмбозӣ сабаби бунёд карда натавонистани давлати соҳибистиқлол дар баъзе кишварҳо шудааст. Бояд ба қадри ин ҳама ободиву бунёдгарӣ расид, зеро мо ёд дорем, ки дар замони нооромиҳои дохилӣ қариб дар ҳама соҳаҳо кор пеш намерафт.

Хушбахтона, мо ба ин рӯзҳо расидем ва Истиқлолияти давлатии мо имкон дод, ки кишвари азизамонро бо санъати баланди меъмории миллӣ баҳри ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон бунёд намоем. Ва тариқи расонаҳо нишон дода шуд, ки бахшида ба ин санаи таърихӣ дар шаҳру навоҳии кишвар бо иштироки Сарвари давлат як қатор иншооти иҷтимоиву фарҳангӣ ва таълимию хизматрасонӣ ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, дар пойтахт аввалин эстакада дар Тоҷикистон ва баъд аз азнавсозӣ боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар арафаи ин ҷашн Пешвои миллат бо сафари кории худ ба вилояти Хатлон ва ВМКБ рафта, дар расми ифтитоҳи мактабу коллеҷ ва дигар иншоот иштирок намуда, ба баъзеи онҳо санги асос гузоштанд. Яъне, дар ин муддат мо корҳои зиёдеро ба сомон расонидаем.

***- Бо касби худ ифтихор мекунед?***

- Албатта. Бубинед, ки имрӯз бо дасти бинокорон Ватани мо чӣ қадар зебо шудааст. Дар ҳар гӯшаю канори мамлакат корҳои сохтмонӣ рафта истодаанд, ки далели ояндаи боз ҳам ободтар гаштани Тоҷикистони азизамон аст. Имрӯз мардум дар хонаи худ ҳузуру ҳаловат доранд. Меҳмонони хориҷӣ низ вақте дар кӯчаҳои шаҳр гашту гузор мекунанд, ба ин ободӣ ва бунёдкории мо баҳои баланд медиҳанд, ки ин ҳама обрӯи кишвари мост, зеро дар сохтмонҳо таваҷҷӯҳ ба санъати меъморӣ низ дода мешавад. Аз ин бармеояд, ки мо - бинокорон аз як тараф муаррифгари анъанаҳои миллии кишвари худ ҳастем. Пас чаро ифтихор накунем? Илова бар ин баъд аз сари мо низ маҳсули кори мо мондагор аст.

***- Барои суҳбати самимӣ аз Шумо миннатдорем.***

- Саломат бошед!

***Неъмат РАҲМАТ***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета


# ТОҶИКИСТОН

*«Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, бодухаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад».*

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ соли 2018-ро дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд.

Ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо ин роҳ сатҳи некӯаҳволии мардум беҳтар гашта, барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат замина гузорад, зеро исбот шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон сеюмин зинаи василаи даромади давлатҳост. Бино ба таҳлили созмонҳои бонуфӯзи ҷаҳонӣ рӯз то рӯз дар ҷаҳон рушди сайёҳӣ ба назар мерасад. Барои мисол, даромади кишварҳои ҷаҳон аз соҳаи туризм дар соли 1995 ба 399 миллиард доллар расида буд, соли 2000 бошад, ин рақам ба 621 миллиард доллар баробар шуд. Эҳтимол меравад, ки соли 2020 даромади кишварҳои ҷаҳон дар маҷмӯъ аз соҳаи туризм ба беш аз 2 триллион доллар расад.

Беҳбудии вазъи сайёҳӣ дар Тоҷикистон низ ба назар мерасад ва бино ба маълумоти Нуъмон Абуғаффорзода Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имсол беш аз 950 ҳазор нафар хориҷӣ ба кишвари мо омадаанд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3,5 маротиба зиёд аст. Аз аввали сол то имрӯз барои дидани манзараҳои зебои Тоҷикистон сайёҳони зиёда аз 135 давлати ҷаҳон ташриф овардаанд. Илова бар ин рейтинги кишвари мо вобаста ба соҳаи сайёҳи зинаҳои намоёнро касб кард. Аз ҷумла, Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ мамлакати моро дар ҷои дуюм вобаста ба рушди сайёҳӣ гузошт. Маҷаллаи сайёҳии Британиё «Вондер Ласт» («Wander Last») эълон кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои даҳгонаест, ки барои сайёҳон бисёр писанд омадааст. Дар рӯйхати даҳгонаи минтақаи зеботарини рӯйи дунё, ки аз тарафи нашрияи маъруфи Русия «Нэшнл Географик» («National Geographic») нашр шудааст, шоҳроҳи Помири Тоҷикистон низ ҳамроҳ аст. Кӯҳҳои Помир шомили феҳрасти мавзеъҳои ҷолиби маҷаллаи «Топ-100» гардиданд. Нашрияи «Индепендент» («The Independent») пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанберо ба ҳайати даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯйи таъмини амнияти шабона




эътироф кардааст. Илова бар ин агентии таҳлилии «ТурСтат»-и Русия шаҳри Душанберо ба қатори 10 шаҳри дар айёми баҳор барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамроҳ кардааст.

Дар ҳақиқатан ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки барои рушди сайёҳӣ имкониятҳои васеъ дорад. Кӯли Сарез, қуллаҳои Исмоили Сомонӣ, пиряхи бузурги Федченко дар ВМКБ, мавзеи Ширкент ва маҷмааи Қалъа дар Ҳисор, Искандаркӯл ва Ҳафткӯл дар водии Зарафшон, дар ҷануби Тоҷикистон мамнуъгоҳҳои Хуталон ва Бешаи палангон, Кӯҳи Хоҷамуъмин, Қалъаи Ҳулбук, мақбараҳои бузургону орифон ва даҳҳои дигар мавзеъҳое мебошанд, ки Тоҷикистонро дар ин ришта муаррифӣ менамоянд ва маконҳои писандидаи сайёҳон гаштаанд. Дар баробари ин шаҳри Душанбе имрӯз ба яке аз маконҳои амну осоиши сайёҳон мубаддал гаштааст. Боғҳои ҳамешасабзу гулгаштҳои ороста, биноҳои сар ба фалаккашидаву мардуми сарбаланди пойтахт аз ҷониби саёҳон баҳои баланд гирифтаанд. Зимни суҳбат бо сайёҳон маълум гашт, ки онҳо дар ин шаҳри зебо ҳеҷ гоҳ эҳсоси ноороҳатӣ ва хатар намекунанд. Барои мисол, мо бо чанде аз сайёҳони хориҷӣ дар хиёбонҳои Душанбе суҳбат доштем, ки назари онҳоро меорем.

***Ҳоссе*** яке аз сайёҳонест, ки бори аввал ба Тоҷикистон омадааст. Ӯ ва дигар ҳамроҳони Ҳоссеро дар шаҳру ноҳияҳои атрофи Душанбе ва худи пойтахтро низ бубинанд. Дар бораи шаҳри Душанбе аз ӯ пурсидем ва гуфт: - “Душанбе шаҳри калон аст. Манзараҳои ин шаҳр ба ман бисёр писанд омаданд ва ман дар ҳар фурсате меҳоҳам ба хиёбонҳои пойтахти Тоҷикистон бароям ва гашту гузор намоям. Ҳавои Душанбе худ нерӯдиҳанда аст ва ҳоҷат ба таомхурӣ нест (механдад). Дар Душанбе аз пайкара то нимпайкара бисёр аст, мисли нимпайкараҳои назди Китобхонаи миллӣ ва онҳо назди пайкараи бузурги шаҳри Душанбе - шоҳ Исмоили Сомонӣ пайдо кардем. Ҳоссе худро аз аҳли Барселона муаррифӣ кард. Дар ин аввалин сафар ӯ ноҳияи Мурғоб ва шаҳри Хоруғи ВМКБ-ро дидааст. Онҳо аз Хоруғ ба Душанбе омадаанд ва ният доранд маконҳои дидании бисёр ҳам зебо сохта шудаанд. Вале дар миёни ин ҳама ба ман шоҳ Исмоили Сомонӣ бештар писанд омад. Дар бораи ин шоҳ камтар медонам, аммо симои боғуруру ҷиддии ӯ худ тоҷикона аст”. Ҳоссе ҳамчунин дар Осорхонаи миллӣ низ будааст ва ба назари вай ин



РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№9 (120)
29 сентябри соли 2018



# - ВАТАНИ САЙЁҲОН



макон беназир аст. Аз рӯи кунҷковӣ мо суол кардем, ки чӣ чизе дар Тоҷикистон ба ҷаноби Ҳоссе писанд омадааст? - Одамонаш. Мардуми ҳалиму меҳрубон ва меҳмоннавоз ҳастанд, ҷавоб дод ӯ. Ба назари ин сайёҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон макони арзанда барои сайру саёҳати ӯ будааст ва аз ин сафар бисёр хотироти некеро ба худ гирифтааст.

- “Мо чандин кишвари пешрафтаи дунёро дидаем, вале Тоҷикистон ҷои худро дорад. Пеш аз омадан ба ин кишвар баъзе маълумотҳоеро пайдо карда будем, лекин чун инҷо омадем, ҳама чиз ранги дигар гирифт. Яъне, мардумони меҳрубону чеҳракушод ва таомҳои лазизу обҳои мусаффо моро мафтун карданд. Умед дорем, ки Тоҷикистонро дар сафари баъдӣ боз ҳам шукуфон бубинем”, - ҷамъбаст намуд Хоссе - сайёҳ аз Бразилия.

Хонум ***Бэа Тилт*** муддати зиёде дар Тоҷикистон аст. Ин сайёҳзани олмонӣ гушаҳои зиёди Тоҷикистонро дидааст. Яғноб, Искандаркӯл, Хоруғ, Ишкошим, Қайроққум ва Панҷакент маконҳое ҳастанд, ки ин хонум сафар кардааст.

- “Оё ман бори дигар ин кишварро медида бошам? Ин суолест, ки ман ҳангоми гузаштан аз кӯчаҳои Душанбе ба худ медиҳам. Дар ҳақиқат ҳам Тоҷикистон як кишвари афсонавист, ки ба ҳар меҳмон писанд меояд. Лаззати таомҳои миллии кишвари Шумо мисли ош, қурутоб ва садҳои дигар ҳеҷ аз комам намеравад. Душанбе бошад, як дунёи дигар аст. Шаҳри ҳамешабаҳор ва тозаву ороста. Шабҳои Душанбе ба тани кас ҷон мебахшанд. Ман заҳмати кормандони ободкори Душанберо қадр мекунам, зеро заҳмати бисёр мекашанд ва мехоҳам, ки мо ҳамагон ба қадри ободӣ бирасем. Биноҳои баланд ва сохтмонҳои бисёр ин шаҳрро ба як шаҳри муосир табдил додаанд. Кохи Наврӯз, ки дар ин пойтахт ҷойгир аст, маро бештар мафтуни худ кард”, - мегӯяд хонум Бэа Тилт.

***Склаудио*** Тоҷикистонро бо кухҳои Помир мешинохт ва танҳо барои дидани ана ҳамин қуллаҳо аз Италиё то ба Тоҷикистон омадааст. Дар ин сафар ӯ ҳамчунин аз Чилдухтарон дидан кардааст, ки ба назари Склаудио Тоҷикистонро ин гуна тасаввур надошт.

- “Дар хаёли ман танҳо Помир буд, аммо ман хостам аз ин сафар боз бештар омӯзам ва ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон рафтам. Тоҷикистон ва маконҳои таърихии ин кишвар як китоби бостониеро мемонад, ки мо то ҳанӯз онро



варақ назадаем. Ман таърихро дӯст медорам ва аз ин рӯ мехоҳам Тоҷикистон дар китоби хотироти таърихиям як боби алоҳида бошад”, - ишора намуд Склаудио.

Барои ин сайёҳи таърихнигор Душанбе бо доштани Осорхонаи миллӣ, Китобхонаи миллӣ ва боғҳое назири Боғи Парчам як макони диданиро мемонад ва ӯ гуфт, ки мардуми тоҷик ба асли худ ва гузаштагони ин миллат эҳтироми хоса доранд, зеро дар ҳар гӯшае як нишонаи таърихӣ дида мешавад. Ӯ дар идома ба зебоиҳои Душанбе чунин баҳо дод: - “Пойтахт оинаи кишвар аст. Барои ман Душанбе бисёр писанд омад ва кас агар таърихи онро имрӯз бихонад, бовар намекунад, ки ин ҳамон деҳачаи хурд аст. Ин гувоҳи он аст, ки мардум барои ҳамқадами замон шудан ҳамеша талош доранд. Иловатан мехоҳам бигӯям, ки мо дар симои Душанбе тамоми Тоҷикистонро мебинем, яъне Душанбе зебост, Тоҷикистон зебост”.

Вобаста ба эълон намудани соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ин шаҳрванди Италиё зикр кард, ки Тоҷикистон метавонад бо ин роҳ дар пешрафти кишвар саҳми хубе гузорад, зеро маконҳои диданӣ дар ин мамлакати офтобрӯя бисёр ҳастанд. Ба назари Склаудиои италиёӣ чунин иқдоми Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесобиқа аст.

- “Сарзамини Тоҷикистон метавонад хонаи сайёҳон бошад, зеро ба назари ман бисёр имкониятҳои хубе ба мо сайёҳон додаанд ва мо ҳеҷ мушкилие намекашем”, - хотима бахшид вай.

Дар баробари ин сайёҳон боз нафарони дигаре низ ҳастанд, ки ба Тоҷикистон ва сатҳу сифати хизматрасонии сайёҳӣ баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, дар сомонаҳои хабарӣ нашр гашт, ки ***Матю Пушел*** шаҳрванди ИМА, ки ҳамроҳи завҷа ва кӯдаки хурдсолаш бо мақсади сайёҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардааст, дар дохили автомашинаи сабукрави таксӣ ҳамён ва ҳуҷҷатҳои худро фаромӯш мекунад ва дар муддати 20 дақиқа Шуъбачаи сайёҳии милитсияи ВКД онро пайдо карда, ба соҳибонашон баргардондаанд.

Матю Пушел, ки бори дуюм ба Тоҷикистон меояд, ба шаҳрҳои Исфара, Бохтар, Хуҷанд ва дигар ноҳияҳои Тоҷикистонро рафтааст ва аз меҳмоннавозӣ, обу ҳаво ва табиати зебо ба ваҷд омадааст. - “Мардуми тоҷик бисёр мардуми хубу бофарҳанг ва меҳмоннавоз ҳастанд ва ман дар бораи онҳо, сулҳу субот, тинҷию амонӣ орзу дорам ва аз табиати дилпазири Тоҷикистон ҳатман ба ҳамватанон ва ёру дӯстонам нақл мекунам”, - изҳор доштааст ӯ.

Метавон хулоса кард, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки биҳишти рӯи замин номаш мебарем, сарзамини нобиғагону ёдгориҳои нодир асту таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин росто мо - шаҳрвандони кишварро зарур аст, то дар пешрафт ва амалинамоии ҳадафҳои Ҳукумати кишвар, ки барои беҳбудии мо равона шудаанд, саҳми арзанда гузорем. Бо меҳмонону сайёҳон рафтори намунавӣ дошта бошем, то онҳо бо хотираҳои нек аз Тоҷикистон бираванд. Сокинони пойтахт, ки симои мардуми кишварро муаррифӣ менамоянд, масъулияти бештар пеши модар - Ватани худ доранд. Аз ин рӯ, моро месазад, ки ба ин ҳама хуррамгардонию созандагӣ эҳтиром намоем ва осудагиву амнияти сайёҳонро халалдор насозем.

***Неъмат САЛИМЗОДА***



CMYK



*Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол, Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ИДАТОН МУБОРАК, ЗЕБОИОФАРОН!

Меъморони саросари дунё ва ихлосмандони санъати волои меъморӣ Рӯзи умумиҷаҳонии меъмориро имсол дар нахустин рӯзи моҳи октябри заррин ҷашн мегиранд. Ба ин муносибат меҳоҳам тамоми меъморони Тоҷикистони соҳибистиқлолро самимона табрик намуда, ба хонадони ҳар кадоми онҳо ободиву осоиш ва саодату фирӯзӣ орзу намоям.

Меъморӣ шуғли мураккаб ва пурмасъулият аст. Аз нақшаи офаридаи меъмор, аз донишу малакаи ӯ, аз тахайюл ва ҷасорати ӯ зебогӣ, устуворӣ, сифат, пойдорӣ ва ҳузуру ҳаловати бино ва ё иншооти оянда вобастагӣ дорад. Танҳо доштани ҷаҳонбинии васеъ, дониши мукаммал ва замонавӣ, маҳорати кордониву ҳалли муаммоҳо, истеъдоди бузурги нақшакашӣ ва амсоли инҳо метавонанд меъморро дар офаридани нақшаи мондагор ҳидоят намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки дастгирию ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешрафти соҳаи меъморӣ ва сохтмон пайваста эҳсос мегардад. Дар ҳар як ҷашну чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштани хишти аввал ба таҳкурсии бино ё қабулу баистифодадиҳии иншооти нав ба ҳукми анъана даромадааст.

Меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои Байналхалқии меъморӣ фаъолона иштирок намуда, санъати меъмории миллии Тоҷикистонро шарафмандона муаррифӣ менамоянд.

Меъморон масъулияти касбии худро нисбат ба пешрафти соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк менамоянд ва ҳамарӯза барои амалӣ гардонидани вазифаи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Қобили зикр аст, ки меъморони ҷумҳурӣ дар корҳои лоиҳакашии сохтмони биноҳу иншооти ҷашнӣ ба муносибати 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуда, барои боз ҳам зебо ва обод гардонидани Ватани азизамон саҳми босазои худро гузоштаанд.

Бори дигар ҳамаи Шумо дӯстони азиз, меъморон ва собиқадорони соҳаро бо иди касбиатон муборакбод гуфта, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти касбиатон қуллаҳои баланди тахассусӣ, муваффақиятҳои беназиру дастовардҳои нав ба навро бахри шукуфоии Ватани азизамон орзу менамоям!

Идатон муборак, ҳамкасбони гиромӣ!

# 27-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ҚАДАМИ УСТУВОРЕ ДАР РОҲИ СОЗАНДАГИСТ!



7 сентябри соли 2018 дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид, ки дар ин чорабинии ҷашнӣ кормандони дастгоҳи марказӣ, роҳбарон ва кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита иштирок доштанд.

Раиси Кумита муҳтарам Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол нахуст иштирокчиёни ҷаласаро ба ин санаи таърихӣ муборакбод гуфта, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бузургтарин ва муҳимтарин воқеаи таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик ва муқаддастарин ҷашни миллию давлатӣ арзёбӣ кард. Бино ба таъкиди Аҳмадзода Ҷ.Ҷ. давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона ба роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушода, дар ин ҷода ба як қатор дастоварду муваффақиятҳои назаррас ноил гарданд.

- "Ҳарчанд, ки 27 сол дар муқоиса бо таърихи тӯлонии халқи куҳанбунёдамон фосилаи зиёд нест, вале роҳе, ки мо дар ин марҳалаи кӯтоҳи таърихӣ паймудаем ва корҳое, ки ба шарофати истиқлолият ва аз баракати заҳмату фидокории мардуми сарбаландамон ба анҷом расонидаем, бемуболиға бо даҳсолҳои зиёд баробар мебошад. Аз ин лиҳоз, бо тамоми боварӣ метавонем гуфт, ки солгарди навбатии истиқлолияти кишварамон боз як қадами устуворе гардид дар роҳи созандагӣ, таҳкими сулҳу субот, фароҳам овардани шароитҳои муносиб бахри вусъат бахшидан ба ислоҳоти амиқи иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷомеа, ки мақсад аз он рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолию иҷтимоии кишвар ва бо ин роҳ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварамон мебошад", - иброз намуд Раиси Кумита.

Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол дар идомаи суханронии худ аз иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ карда, қайд намуд, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат соли 2018 - Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид. Ҳукумати мамлакат дар доираи чорабиниҳои Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва таъмин кардани рушди инфрасохтори сайёҳӣ як қатор имтиёзҳои муқаррар намуд. Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ имкон дода истодааст, ки Тоҷикистони зебоманзарро ҳазорон сайёҳони хориҷӣ дидан намоянд, кишварамон ба ҷаҳониён муаррифӣ шавад ва дар дохили кишвар садҳо нафар соҳиби ҷойи кор гарданд.

Дар соли 2018 муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии мутақобилан судманди Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ба таври назаррас таҳким ва густариш пайдо намуданд, - гуфт Аҳмадзода Ҷ.Ҷ. ва қайд намуд, - боиси таъкид аст, ки соли 2018 барои халқҳои бо ҳам бародари Тоҷикистон ва Ӯзбекистон соли воқеан таърихӣ гардид. Ба шарофати азму иродаи қавии роҳбарони ҳар ду давлат тамоми маҷмӯи масъалаву мушкилоте, ки дар муддати зиёда аз ду даҳсола дар байни давлатҳои мо ба вуҷуд омада буданд, ҳаллу фасл шуданд. Сарони ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев тавонистанд ормонҳои чандинсолаи мардуми тоҷику ӯзбекро амалӣ созанд. Имрӯз Тоҷикистону Ӯзбекистон бо ҳам натанҳо дӯст, балки шарики стратегӣ мебошанд ва ҳамкории ду кишвар ба дурнамои дарозмуҳлат нигаронида шудааст.

Дар анҷоми баромади худ Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид дошт, ки саҳмгузории ҳар фарди кишвар барои таҳкими бештари истиқлолияту озодии давлату миллат, камтар кардани вобастагиҳои он аз омилҳои беруна, саҳмгирӣ дар фаъолиятҳои созандагӣ ба хотири зиндагии беҳтари имрӯзу оянда, бо ақли солим ба воқеиятҳо баҳо додан гарави ягонаи пешрафти мамлакат ва беҳбудиву некӯаҳволии сокинони он буда метавонад.

Сипас, корманди ҷавони ҶСК "Саноатсоз" Одинаев Одинашо суханронӣ намуда, қайд кард, ки ҷавонон дар ҷомеа нақши муҳимро мебозанд. Ҷавонон - неруи рушди зеҳнии кишвар буда, қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умедиояндаи некро доранд. Ҷавонон бояд дорои хислатҳои неки инсонӣ бошанд, бахусус бо савод, бо интизом, бо маърифат, масъулиятшинос ва дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ фаъол бошанд.

- "Мо ҷавонон бояд дар зери парчами Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои созанда, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдкорона ширкат варзида, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ дорем. Мо зодагони даврони Истиқлолият шукр аз он менамоем, ки дар ватани орому соҳибистиқлол зиндагӣ намуда, соҳиби маълумот гаштем ва имрӯз бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар рушди соҳаи сохтмону меъмории ватани азизамон саҳми худро гузошта истодаем", - илова намуд О. Одинаев.

Ёдовар мешавем, ки рӯзҳои 4-6 сентябри соли 2018, дар арафаи таҷлили ҷашни 27-солагии Ис-тиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ташкилотҳои системаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи тенниси рӯйи мизӣ барои дарёфти Ҷоми Раиси Кумита баргузор гардида буд.

Дар ин мусобиқа зиёда аз 24 нафар ҷавонони зерсохторҳои Кумита иштирок намуданд, ки дар натиҷа Сафарзода Абӯбакр - директори Муассисаи давлатии «Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ» сазовори ҷои аввал гашт. Ҷои дуюм насиби Абдуллоев Зеваршо - сармуҳосиби Муассисаи давлатии «Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ» ва мақоми сеюмро Шодиев Фурқат - муҳандиси КВД ПИТ «Сохтмон ва меъморӣ» касб кард.

Ҳамин тавр, дар фарҷоми ҷамъомад ба ғолибон мукофот ва Ифтихорномаи Кумита тақдим карда шуд.

***Д. НУРЗОДА, Н. РАҲМАТ, мухбирони "РБ"***



# АЪЗОЁНИ «СОХТМОНЧӢ» МИНБАЪД ҲАМ ФАОЛИЯТИ ПУРСАМАР МЕБАРАНД

Чанде пеш дар толори Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҳизбии ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Сохтмончӣ" баргузор гашт, ки дар он муовинони раиси Кумита, Гулаҳмадзода Зулфиқор раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур ва дигар ҳайати меҳмонону ҳизбиёни зерсохторҳои Кумитаи меъморӣ иштирок доштанд.

Абдуалимзода Абдукарим – муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст оид ба фаъолияти имрӯзаи ташкилоти ибтидоии ҳизбии ҲХДТ "Сохтмончӣ" маълумот дода, рӯз то рӯз зиёд шудани сафи ҳизбиёнро аз ҷониби аксар ҷавонони Кумита фоли нек донист. Бино ба маълумоти ӯ барои садоқат ба халқу Ватан, пайравӣ ба сиёсати созандаву бунёдкоронаи Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб 40 нафар аз кормандони фаъоли Кумитаи сохтмон ва меъморӣ аризаи аъзо шудан ба ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Сохтмончӣ"-ро навиштаанд.

Гулаҳмадзода Зулфиқор дар навбати худ қайд намуд, ки рӯз то рӯз барнома ва сиёсати ҲХДТ мукаммал гардида, дар фазои сиёсии Тоҷикистон мавқеи хосро пайдо кардааст. Аз ин рӯ, мебояд то ҳар аъзои ин ҳизб масъулияти баланди сиёсӣ дошта бошад, зеро сиёсати имрӯзаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ҳамин ҳизб пеш бурда мешавад. Дар идома гуфта шуд, ки ҳамарӯза мо шоҳиди ба истифода додани иншооти гуногун мегардем, ки дар ин самт саҳми сохтмончиён назаррас аст, зеро бунёдкориву ободонии кишвар шиори ҳамешавгии онҳост.



Мирзозода Низом муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон низ суханрони намуда, аз фаъолияти босамар, амалӣ гардонидани мақсаду мароми ҳизб, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастовардҳои даврони истиқлолият ёдовар шуд.

Мирзозода Н. ҳамчунин аз аъзоёни тозаинтихоби ҳизб даъват намуд, ки бо дарку масъулияти баланд аъзоёни ташкилоти ибтидоии ҳизб минбаъд ҳам фаъолияти пурсамар намоянд ва амру фармонҳои Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амал сармашқи кори худ намуда, баҳри татбиқи онҳо талош варзанд.

Ҳамин тавр, бо қарори раёсати маҷлис ба сафи 140 нафараи ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Сохтмончӣ" боз 38 нафари дигар ҳамроҳ гардид ва ба вазифаи муовини Раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ «Сохтмончӣ» Сафарзода Абӯбакр Аваз пешниҳод гардид.

***Неъмат САЛИМЗОДА***

# 1 ОКТЯБР - РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МЕЪМОРӢ

Рӯзи 1 октябри соли ҷорӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии меъмориро қайд менамоянд. Рӯзи умумиҷаҳонии меъмориро ҳамчун иди меъморон, Иттифоқи байналмилалии меъморон соли 1985 таъсис намудааст. Қаблан ин идро ҳамасола 1 июл қайд менамуданд, вале дар Ассамблеяи ХХ байналхалқии меъморон, ки соли 1996 дар Барселона баргузор гардид, қарор дода шуд, ки Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ ҳар сол рӯзи душанбеи аввали моҳи октябр ҷашн гирифта шавад.

Имсол Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ бо ҷашни 70-солагии Иттифоқи байналхалқии меъморон рост омад. Иттифоқи байналхалқии меъморон 1 октябри соли 1948 дар шаҳри Лозаннаи Швейтсария дар ҷаласаи аввалини байналхалқии меъморон таъсис ёфта буд. Сараввал Иттифоқи байналхалқии меъморон барои муттаҳид намудани меъморони ҷаҳон барои бартараф намудани харобазори шаҳрҳои Аврупо, ки баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад, ташкил гардид, лекин бо мурури замон ба як ташкилоти бонуфузи байналхалқӣ мубаддал гардид. Ҳоло ба ҳайати Иттифоқи байналхалқии меъморон Иттифоқҳои меъморони 124 мамлакат шомил гаштаанд ва дар сафи худ зиёда аз се миллион меъморро муттаҳид менамоянд. Иттифоқи меъморони Тоҷикистон низ аз соли 2005 аъзои баробарҳуқуқи Иттифоқи байналхалқии меъморон гаштааст ва дар кори он фаъолона ширкат меварзад.

Иттифоқи меъморони Тоҷикистон дар муддати як соли сипаригашта як қатор чорабиниҳои эҷодиро баҳри баланд гаштани сатҳи касбии меъморони ҷумҳурӣ ва абадӣ гардонидани номи неки меъморон ва сохтмончиёни ҷумҳурӣ идома дод. Чунончӣ дар ҳамкорӣ бо Иттифоқҳои рассомони Тоҷикистон ва Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон Фестивали эҷодкорони Тоҷикистон, ки дар риштаи меъморӣ таҳсил мекунанд, Намоишозмуни беҳтарин асарҳои меъмории дар солҳои 2015-2017 эҷодкардашуда ва Намоиш-озмуни меъморони ҷавон ва донишҷӯёни соҳаи меъмориро гузаронд. Беҳтарин асарҳои меъморон ва донишҷӯён бо Дипломҳои тиллоӣ, нуқрагин ва биринҷӣ ва мукофотҳои арзишманд тақдир карда шуданд. Беҳтарин асарҳо ба Намоишозмуни байналхалқии меъморӣ, ки дар шаҳри Чолпон-Ата (Ҷумҳурии Қирғизистон) баргузор гардид, пешбарӣ гашта, сазовори Дипломҳои дараҷаи якум ва дуюми ин Намоишозмун гаштанд. Моҳи ноябри соли 2017 дар толори Хонаи меъморони Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 105-солагии аввалин бинокорзани тоҷик, аъзои Иттифоқи меъморони Шӯравӣ Тоҳирова Ҳамро Зоировна баргузор гардид. Моҳи апрели соли 2018 бошад, дар толори Хонаи меъморон шаби эҷодии меъмор, доктори фанҳои меъморӣ Тиллоев Сангаҳмад бахшида ба 60-солагиаш ва 35-солагии фаъолияти эҷодиаш баргузор гардид.

Меъморони Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналхалқии эҷодӣ дар шаҳрҳои Маскав, Остона ва Чолпон-Ата ширкат варзида, дар ин машваратҳо баромад намуданд ва бо фаъолияти эҷодии меъморони Тоҷикистон иштирокчиёнро шинос намуданд.

Ҳоло Иттифоқи меъморони Тоҷикистон беҳтарин асарҳои меъморони ҷавонро ба Намоиш-озмуни байналхалқии меъморӣ, ки моҳи октябри соли ҷорӣ дар Санкт-Петербург баргузор мегардад, пешниҳод намуд. Беҳтарин асарҳои меъмории сохташуда бошад, барои иштирок дар озмуни Ҷоизаи Оғо Хон дар соҳаи меъморӣ пешбарӣ карда мешаванд. То охири сол дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи рассомони Тоҷикистон ва Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон гузаронидани Фестивали дуюми эҷодкорон ба нақша гирифта шудааст.

Дар Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ дар ҳамаи мамлакатҳо меъморон, маҷлисҳо, вохӯриҳои эҷодӣ, намоишҳои асарҳои меъмориро баргузор менамоянд. Мавзӯи имсолаи Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ номи «Меъморӣ – барои зиндагии беҳтарин» касб кардааст ва меъморон бояд кӯшиш намоянд, ки лоиҳаҳои онҳо барои беҳтар гаштани зиндагии одамон мусоидат намояд.

Иттифоқи меъморони Тоҷикистон низ дар ин рӯз дар бинои Хонаи меъморон намоиши беҳтарин асарҳои меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба намоиш омода



сохта, дар толори бино барои меъморони ҷавон ва донишҷӯёни соҳаи меъморӣ тамоми рӯз филмҳо дар мавзӯи меъморӣ намоиш дода мешаванд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, тавассути «Рӯзномаи бинокорон» ҳамаи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо иди касбиашон табрик намуда, ба ҳамаи онҳо саломатӣ, умри бардавом ва бобаракати эҷодиро баҳри рушду ободии кишвари азизамон таманно менамоям.

***Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон Б. ЮСУПОВ***

# ОБОДИИ ВАТАН ИФТИХОРИ МОСТ

## Гузориш аз Анҷумани нахустини соҳибкорони бурунмарзии Суғд

Даъватҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҷалби ҳарчӣ бештари он соҳибкорони бурунмарзӣ ҷиҳати ободиву созандагӣ, бунёди иншооти гуногуни аҳамияти иқтисодиву иҷтимоидошта дар ватан татбиқи худро пайдо мекунад. Дар радифи роҳандозии ин дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар бори аввал дар ин самт, дар арафаи таҷлили Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон Анҷумани нахустини соҳибкорони бурунмарзии зодагони шаҳру навоҳии вилояти Суғд, ки дар манотиқи гуногуни кишварҳои Русия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд доир гашт. Баргузории ин ҳамоиш аз ҷониби аҳли ҷомеа дастгирии ҷиддӣ меёбад, ки бевачҳ нест, зеро ободии Ватан кори ҳама, қарзи фарзандонаш: чӣ дохиливу чӣ бурунмарзист.

Давлаталӣ Саид, муовини якуми сарвазири мамлакат ҳамаи иштирокдоронро бо Анҷумани нахустини соҳибкорони бурунмарзӣ аз номи Сарвари давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ҳамоиш хайрамақдам гуфт.

- Рамзиву самимӣ низ ҳаст, ки ин Анҷуман дар арафаи иди муқаддас ба ҳар яу халқу миллат - Истиқлолияти давлатӣ баргузор мешавад, - иброз дошт Давлаталӣ Саид, - халқи Тоҷикистон 27-солагии соҳибистиқлолии худро дар ҳамаи самтҳо: иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг бо дастовардҳои шоиста истиқбол мегирад. Талошу такопӯйҳои ҳамарӯзаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати гузоштани заминаи мустаҳкам ва боэътимод бахри рушд дар ҳамаи самтҳои хоҷагии халқ самари нек мебахшанд. Бо ҳаллу фасли мубрамтарин масоили иқтисодиву иҷтимоӣ дар солҳои охир акнун имрӯз дар кишвар марҳилаи дигар: расидан ба рушди бемайлони ҳамаи соҳот ва ба ин васила ноил гаштан ба таъмини зиндагии шоистаи мардум фароҳам омадааст, ки дар ин ҷода сарчамъии соҳибкорони ватаниву бурунмарзӣ саҳми арзанда ва муассир гузошта метавонанд. Таҷрибаи кишварҳои Туркия, Арманистон ва Ӯзбекистон



дар иртибот ба ҷалби сармояи моливу зеҳнии он ҳамватанони бурунмарзӣ, ки дар хориҷи дури мамлакат фаъолияти соҳибкорӣ доранд собит месозад, ки чунин иқдом аз ҷумлаи беҳтарин омилу роҳҳост ҷиҳати боз ҳам обод кардану расидан ба рушди воқеии иқтисодиёт хоҳад буд.

Табиист, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафарҳои давлатии худ ба мамолики гуногуни дунё аз соҳибкорон, хусусан, он ҳамватаноне, ки бо амри сарнавишт он ҷо қарор доранд даъват ба амал меоваранд, ки фаъолияти соҳибкории хешро бе ягон муаммову мушкилӣ дар ватани аҷдодии худ ба роҳ монанду дар пешрафти он ҷо саҳми муносиб гузоранд, роҳ бунёд кунанду мактабу кӯдакистон созанд, тиҷорати хешро ривоҷ бахшида, ватани бобоии худро ба хориҷи кишвар муаррифӣ кунанд.



- Татбиқи муваффақонаи он дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат оид ба ҷалби сармояи хориҷии ҳамватанони бурунмарзӣ аз бисёр ҷиҳат ба чвшмикордонӣ, дорои ҳисси баланди маъсулиятшиносӣ, муҳимтар аз ҳама ватандории роҳбарони мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру навоҳӣ робитаи зич дорад, - таъкид дошт муовини якуми Сарвазири мамлакат Давлаталӣ Саид, - дигар ҳамаи заминаи ҳуқуқиву меъёрӣ дар кишвар мавҷуданд, ки соҳибкорони бурунмарзӣ бе ягон мушкилӣ, монеа ва хатто расмиятчигии аз меёр зиёд дар корҳои ободонӣ, бунёди иншооти гуногуни аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва варзишӣ фаъолона ширкат дошта бошанд.

Ҳамасола эълон шудани ҳаргуна мораторияҳо оид ба санҷишҳои гуногун аз ҷониби сохторҳои ҳуқуқӣ, беҳтар шудани низоми иҷозатномадиҳӣ дар бунёди иншоот, муҳайё кардани шароит барои фаъолияти бо самари соҳибкорӣ ва албатта, зиёда аз 90 имтиёзҳои гуногун феълан имкон медиҳанд, ки соҳибкорони бурунмарзӣ дар ҳама иқдомҳои созандагӣ, бунёдкории ватани бобоии худ ба таври мушаххасу муассир ҳиссагузорӣ кунанд. Ҳамин аст, ки дар се соли охир барои ворид кардани хатҳои технологиву таҷҳизотҳои муосир дар маҷмӯъ, дар кишвар, ба маблағи 10 миллиард сомонӣ имтиёз дода шуда, ҳоло Тоҷикистон ба қатори 10 кишвари рӯ ба ислоҳот шомил шудааст.

Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд ҷиҳати иштирок дар Анҷумани аввали соҳибкорони бурунмарзӣ кулли меҳмононро дар шимоли кишвар арзи сипос ва хайрмақдам гуфта, аз он имкониятҳои созандагиву ободкории вилоят андешаву мулоҳизаҳои худро баён кард.

- Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар қаламрави вилоят 1300 рӯзи ободонӣ эълон шудааст, ки дар ин радиф мо тасмим гирифтаем 1300 иншооти дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ-фарҳангӣ, варзишӣ, аз қабили: корхонаҳои истеҳсоливу коркард, марказҳои савдову хизматрасонӣ, ҳаммому толорҳои ҳусн, меҳмонхона, толорҳои варзишиву майдонҳои футбол, мактабу муассисаҳои томактабӣ, кӯдакистонҳоро бунёд ва ихтиёри ҳамдиёрон вогузошта, зиндагии мардуми диёрро рангину гуворо ва насли наврасро дар руҳияи ватандориву ватандӯстӣ, рӯҳияи нангу номуси миллӣ, ифтихор аз миллату сарзамини аҷдодӣ тарбия намоем, ки дар ин ҷода шумо соҳибкорони бурунмарзӣ саҳми муносиб ва арзанда гузошта метавонед

Раиси вилояти Суғд ҳамзамон аз самтҳои дигари фаъолияти соҳибкорӣ: бунёди роҳҳо, кашидани хатти оби ошомиданӣ, обёри кардани даштҳои асрҳо бекорхобидаи ҳудуди вилоят ёдовар гашт, ки бо ҷалби сармояи ҳамватанон - соҳибкорони бурунмарзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, диёрамон аз ҳар ҷиҳат рушд ва сабзу хуррам ва рӯзгори мардумон осуда мегардад.

Вилояти Суғд бо захираҳои бойи канданиҳои зеризаминӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ном баровардаст, ки ҷиҳати коркарди он ва содироти маҳсулоти тайёр ба хориҷи кишвар талош варзид ва табиист, ки дар ин ҷода ин соҳот ба ҷалби сармояи хориҷӣ, ба дастгирии соҳибкоронибурунмарзӣ ниёз дорад.

Соҳибкорон Болтабоев Самандар аз шаҳри Самара, Абдураззоқ Разоққов аз шаҳри Чита, Абдусалом Абдулҳамидов аз шаҳри Барнаул, Мухтор Ашӯров аз шаҳри Челябинск, Зиёваддин Ёров аз шаҳри Маскав ва Мирзоазиз Усмонов аз Қазоқистон аз иқдоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар иртибот ба доир кардани чунин як ҳамоиши ҷавобгӯй ба талаботи рӯз изҳори сипос карда, омодагии ҷиддии худро оид ба саҳм гузоштан дар рушди соҳоти гуногуни кишвари азиз Тоҷикистон, сохтмони иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ-фарҳангӣ иброз доштанд.

Мазмуну мундариҷаи суханронии ҳамаи соҳибкорони дар анҷумани нахустин ширкат дошта, саршор аз меҳру муҳаббат ба ватани аҷдодиашон, ифтихор аз ин ватану соҳибистиқлолӣ ва пайравӣ кардану содиқ будан ба тасмиму иқдомҳо, хубби ватандории Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ҳаряки моро беихтиёр, хаёлан ба кишваре бо фардои дурахшону мусаффо мебурд.

Сарфи назар аз баъзе ноҷӯриҳои ҷузъӣ метавон кори нахустини Анҷумани соҳибкорони Суғдро мусбӣ арзёбӣ кард, ҳадафу дурнамоҳо муайяну вазифаҳо мушаххас шуданд.

***Ҷовиди АШТӢ***



**Дар арафаи Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ хабарнигори ҷамъиятии мо бо Раиси ташкилоти Ҷамъиятии академияи меъморӣ ва сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, батанзимдароваранда ва такмилдиҳандаи сохти меъмории Тоҷикистон, меъмори хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатӣ ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Зуҳуридинов Баҳовадин Абдулсаидович вохӯрда, суҳбате орост, ки мо онро ба хонандагони азиз пешкаш менамоем.**

# САҲМИ МЕЪМОРОН ДАР ОБОДИИ ВАТАН АРЗАНДА АСТ

***- Устоди муҳтарам, мехостем Шумо ҳамчун танзимдароваранда ва такмилдиҳандаи сохти меъмории иншооти сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ба хонандагони "Рӯзномаи бинокорон" чанд сухане бигӯед.***

- Бояд иброз намоям, ки ба танзимдарорӣ ва такмилдиҳии соҳаи меъморӣ ва сохтмон дар кишвари мо худ ба худ ба амал наомадааст. Ташаббускор ва дастурдиҳандаи он Пешвои миллат Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Баҳри иҷрои дастурҳои Пешвои миллат бори дигар рӯ ба асарҳои меъмории қадимаи ниёгон оварда, онҳоро омӯхтем ва сохти меъмории онвақта ва ҳозиразамонро такмил дода, ба лоиҳаҳои сохтмон ворид намудем, ки имрӯзҳо шаҳру шаҳракҳои кишварамонро оро дода, ба намои онҳо ҳусни миллиро зам мекунанд.

Боиси ифтихор аст, ки корнамоиҳои бемислу монанди теъдоди бисёр ҳазорнафараи меъморону сохтмончиёни кишвар ба қалбҳои наслҳои ояндаамон ҳамчун асарҳои таърихӣ боқӣ мемонанд ва дар асоси онҳо соҳаи меъморӣ ва сохтмон такмил ёфта, зиндагӣ пеш меравад. Ман ҳамчун меъмор мафҳуми сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллатро худ дарк кардаам, чунки ин сиёсат ба иҷрои орзуҳои дар қалб доштаам ҳидоят кард ва аз эҷод кардани лоиҳаҳои якрангаи қаблӣ раҳоям кард.

Вақте, ки ба пойтахти кишвари азизамон - шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои он қадам мезанем, мафҳуми дигаргуниҳое, ки дар 27 соли сипаригардида ба амал омадаанд, хуб сарфаҳм меравем, ҳар як бинои қоматафрохта, иншооти сохта ба истифода додашуда рамзҳои хоси худро доранд, ки дар онҳо фалсафаи асосии таносуби 27 соли Истиқлолият дарҷ мегардад.

Барои мисол, дур нарафта, ба маркази шаҳр, пойтахти азизамон раҳсипор гардида, вориди Боғи устод Рӯдакӣ мегардем, мафтуни зебогии он мегардему китобҳои мутолианамудаи ҷавониамон пеши назар омада, аз афсонаҳое, ки шахсро ба олами дигар- олами зебоӣ мебарад, ба ёд меорем. Гулу-гулзор, дарахтони гуногуни ороишӣ, фаввораҳои об, сабзазор ва дар мобайни боғ Рӯдакии ҷавон ба махзани асосии илм Китобхонаи Миллӣ ишоракунанда бо зебогии ба худ хос пайдо мегардад ва иштиёқмандонро ба суйи китоби кушода, барои аз худ намудани дастовардҳои тафаккури зеҳнӣ даъват мекунад. Нишони давлатӣ ва Парчами Миллӣ ба майдон ҳусни тоза мебахшанд. Қасри миллат аркони давлатдорӣ буда, бо рамзи шоҳ Исмоили Сомонӣ мардумро ба оромӣ, омӯзиши илму маърифат, ободонии кишвар даъват мекунад ва ҷамъул ҷамъ ба боғи Ирами афсонавӣ табдил меёбад. Оё ин дастовардҳо барои халқу халқиятҳои кишварамон хушбахтӣ нест? Чунин манзараҳои зебову дилкашро мо имрӯз дар марказҳои вилоятҳо ва ноҳияҳо низ мебинему аз ободиҳои ба даст омода фахр мекунем, чунки меъморон лоиҳаҳои ба талаботи миллӣ хосро омода намуда, ба фармоишгарон пешниҳод кардаанд ва иншооту биноҳои қоматафрохта намои шаҳрро зебо сохта гардонида, ба онҳо ҳусни тоза бахшидаанд.

Коллективи лоиҳасозони Ташкилоти Ҷамъиятии Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз дастовардҳои қабли руҳбаланд гардида, барои сазовор, бо армуғони меҳнатӣ пешвоз гирифтани Рӯзи умумиҷаҳонии меъморон саҳми арзандаи худро гузошт. Лоиҳаҳои сохтмони биноҳои баландошёнаи манзилии бисёрфунксионалӣ бо ҷойгиронии марказҳои савдою хизматрасонӣ, таввақуфгоҳҳои нақлиёти автомобилӣ дар кӯчаҳои С. Айнӣ ва Аҳмади Дониш, Бухоро ва Шевченко, М. Турсунзода, Пӯлодӣ ва Бофандаи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанберо омода карда, пешкаши фармоишгарон намуд.

***- Чун мо дар арафаи Рӯзи умумиҷаҳонии меъморӣ қарор дорем, мехостем таманниёти Шуморо ба ҳамкасбонатон бишнавем.***

- Мехоҳам, ба воситаи рӯзнома тамоми ҳамкасбони кишварамонро ба муносибати ин рӯзи фирӯз самимона табрик намуда, бароямон бахту иқболи баланд, саодати зиндагӣ, хушбахтиву некрӯзӣ ва барору комёбиҳоро дар боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру деҳоти кишвар орзу намоям, ба ҳар қадоми онҳо дили шоду хонаи обод, фазои софу беғубор ва оромиву осудагиро орзу дорам.

***- Ташаккур, устоди азиз. Ба Шумо низ тани сиҳату умри дароз ва дар фаъолияти эҷодиатон комёбиҳои беназирро баҳри ободии Ватани соҳибистиқлоламон таманно мекунем.***

- Миннатдорам.

***Алиҳайдар ҲАКИМОВ***

З О Д Р Ӯ З



М У Б О Р А К

**Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандон ва аъзоёни ташкилоти ҷамъиятии Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳли қалами "Рӯзномаи бинокорон" Раиси Ташкилоти Ҷамъиятии Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмончии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатӣ ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, аъзо-корреспонденти ҳақиқии академияи давлатҳои шарқ Зуҳуриддинов Баҳовадин Абдулсаидовичро бо зодрузашон самимона табрик гуфта, ба устод саломатии комил, умри дарози пурбаракат ва дар фаъолияти минбаъдаи эҷодиашон асарҳои нави меъмориро баҳри ободии Ватани азизамон Тоҷикистон таманно доранд.**

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА: "ШАҲРИ МАН, ШОИСТАИ АСРУ ЗАМОН АФТОДАӢ"

Шаҳри Душанбе чун маркази сиёсиву иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва чун рамзи истиқлолият, пойдории давлату миллати Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди эътироф қарор гирифтааст. Бо ҳидояти хирадмандонаву ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо ибтикори шаҳрдории пойтахт Душанбе имрӯз чаман-чаман шукуфта, ба давраи нави рушду тараққиёти худ ворид гардид. Душанберо дар ҷаҳон чун шаҳри сулҳу ваҳдат, дӯстию ҳамдилӣ, ҳамкориву ҳамгироӣ ва маркази баргузории анҷуманҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ хуб мешиносанд. Душанбе натанҳо зиёратгоҳи сокинони мамлакат, балки тамошогоҳи мардумони олам гардидааст.

Ҳаёти бисёр фарзандони бузурги Тоҷикистон бо шаҳри Душанбе пайванди ногусастанӣ дорад, ки яке аз онҳо Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода мебошад.

Ҳангоме ки соли 1925 дар Душанбе аввалин мактаб-интернат кушода мешавад, Мирзои 14-сола баҳри таҳсил ва илм омӯхтан пиёдаву савора ба ин ҷо меояд. Бо ҳайрат ба чор тараф назар меафканад, аммо аз шаҳр осоре намебинад. Душанберо бо хонаҳои пасту гилинаш шабеҳи зодгоҳаш - деҳаи Қаротоғ дармеёбад. Душанбе он замон аз болои хоктӯдаву харобаҳои даврони куҳан қомат рост мекард, ки баъдҳо дар достони «Ҳасани аробакаш» бо ин мазмун тасвир шудааст:





*Маркази нав - Душанбеи худро,*
*Дӯстдоранда наврасон будем.*
*Ба ҳама корҳои ин марказ,*
*Ҳамаи мо мададрасон будем.*
*Деҳаи аз қадим бе унвон,*
*Қомат аз рӯи хок мебардошт,*
*Аввалин донаҳои матлабро,*
*Ба замини хароби худ мекошт.*

Аз ҳамон даврони наврасӣ то охири умр Мирзо Турсунзода маъвои дили худро дар шаҳри Душанбе дарёфта ва онро бо муҳаббати фарзандӣ дар шеъру суруду достонҳояш васфу ситоиш мекард. Шоир соли 1974 бо номи «Пойтахт» шеъре суруд, ки он дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (рақами 10) мунташир гардид. Дар солҳои минбаъда шояд бо амри тасодуф ва ё дигар сабабҳои номаълум шеъри мазкур аз назари мураттибони китобҳои шоир дур монд ва дар ягон маҷмӯаи ашъори ӯ ворид нашуд. Ҳамин тавр, он 44 сол инҷонӣ дастраси хонандагон нагашт. Дар ин муддати тӯлонӣ Душанбе ба куллӣ симои худро дигаргун сохт ва имрӯз биҳишти воқеиро мемонад. Шеъри устод Мирзо Турсунзода онҷунон шево ва муассир садо медиҳад, ки гӯё маҳз барои Душанбеи имрӯзаи зебову шукуфон суруда шудааст. Ҳоло шеъри устодро чун дастагуле аз боғу гулистонҳои ин шаҳр ба хонандагони азиз тақдим медорем, то садои дили шоири бузург ва муҳаббати гарму ҷӯшони ӯро нисбат ба пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол равшантар эҳсос намоянд.

### ПОЙТАХТ

*Пойтахтам, дар миёни кӯҳсор афтодаӣ,*
*Дар дили водии зархези Ҳисор афтодаӣ,*
*Мисли холи тоқи абруи диёр афтодаӣ,*
*Пойтахтам, мешиносам ман чарогони туро,*
*Бурҷҳову коххои шуълаафшони туро.*
*Рӯдҳои нуқрагин печи камарбанди туанд,*
*Раъду барқи осмон оҳанги савганди туанд,*
*Партави моҳу ситора акси лабханди туанд,*
*Шаҳри ман, васфи туро манзил ба манзил мебарам,*
*Ту дили республика, дар магзи дил дил мебарам,*
*Аз Душанбе асрҳои аср осоре набуд,*
*Ҳеҷ касро бо чунин як шаҳри нав коре набуд,*
*Дар Ҳисори шодмон ҷуз кундаву доре набуд,*
*Шаҳри ман, шоистаи асру замон афтодаӣ,*
*Кас намегӯяд, ки ту аз осмон афтодаӣ.*
*Дар радифи шаҳрҳои нозанин ҷои ту шуд,*
*Илм, санъат, техника пайваста дунёи ту шуд,*
*Дидаи бинанда равшан аз тамошои ту шуд,*
*Ғарбиёну шарқиён муштоқи дидори туанд,*
*Москва, Ленинград ҳам сарвару ёри туанд.*
*Дар Душанбе ёфтам ман ҷумла фарзандони хеш,*
*Обрӯи хонадону зеби дастархони хеш,*
*Риштаи пайванди умру аҳди бепоёни хеш,*
*Умри ман пас мисли умри шаҳри ман дорад давом,*
*Медиҳам ман даст барояндагон бо эҳтиром.*
*Пойтахтам, дӯст дорӣ бомдоди хешро,*
*Хандаҳои кӯдаку тифлони шоди хешро,*
*Сокинони бовафову бомуроди хешро,*
*Чашм медӯзӣ ба сӯи қуллаҳои сарбаланд,*
*Қуллаҳоро сарбаландии ту меояд писанд.*
*Аз дару тирезаҳоят нур пошад офтоб,*
*Мисли он, ки зиндагиро гашт дохил инқилоб,*
*Мисли он, ки шуд зани тоҷик озод аз ҳиҷоб,*
*Ман шарикам, пойтахтам, бахти хандони туро,*
*Дар назар меоварам фардои пуршони туро.*



*Раҷабалӣ ҚУДРАТОВ,*
*Корманди шоистаи Тоҷикистон*

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№9 (120)
29 сентябри соли 2018





ё сарфаҳм намераванд ё ки беаҳамияту бефарқанд. Охир, ҳар кор сабабу мақсадҳои муайяни худро дорад-ку?

Доимо аз худ мепурсам, ки ин бегонапарастии мо то ба кай идома меёфта бошад? Наход ҳунарпешаҳои санъати асили тоҷик маҳсули казоие надошта бошанд,

# ШАҲРНИШИН ШУДЕМУ ШАҲРӢ НЕ

Бо кӯшишу эҳтимоми шаҳрдорӣ қариб тамоми истгоҳҳои пойтахт дар чанд соли охир иваз ва таъмир шудаанд, ки ба ҳусни Душанбе боз ҳам ҳусн зам мекунанд. Вале боз мебинем, ки дар ҳар кӯчаву хиёбон як ё ду аз ин гуна истгоҳҳои зеборо шикаставу вайрон кардаанд. Фикр мекунам, ин кори он касонест, ки аз тарбияи хонаводаву мактаб дур мондаанд. Барои пеши роҳи ин гуна вайронкориҳоро гирифтан ҳамаи мо бояд эҳсоси масъулияти баланди шаҳрвандӣ дошта бошем.

Ёдам меояд, ки солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми қарни гузашта агар касе дар кӯча ё дохили наклиёти ҷамъиятии мусофирбар баланд гап мезад ё рафтори ноҷо мекард, пеш аз ҳама ягон зан ва ё марди рус пеши роҳашро мегирифт. Мутаассифона, имрӯз чунин пеши роҳгирӣ дар миёни мо камтар ба назар мерасад.

***Рӯзе шоҳиди ҳолати аҷибе шудам:***

Нақлиёти мусофиркаш дар истгоҳи охирин истода, дарҳои худро якбора кушоду мусофирон ҳама берун шуданд. Дар баробари ин, мусофирони дигар кӯшиш мекарданд, ки аз ҳама пеш вориди автобус гардида, ба худ ҷойи муносиб пайдо кунанд. Аробаҳои пур аз халтаҳои картошкаву пиёз, караму сабзӣ, тағораҳои пур аз себу ангуру мурӯд оҳиста назди дарҳои автобус қарор гирифтанд. Як қисми онҳоро баъзе аз пулчину ронандаҳои мусофирбар бор карданд, бархи дигарашон аз он худдорӣ намуданд. Хулоса, анқариб «консерт»-и хубе шуд назди истгоҳи маҳаллаи «Гипрозем» - пойтахт: доду фиғон, мағал, «ҳой»-у «ҳӯй», аммо…ба ҳар сурат ин дарди бахайр аст. Вой бар ҳоли он мусофироне, ки то истгоҳи охирини ин гуна автобуси пурмағал мераванд.



Зиёд шудани теъдоди микроавтобусҳои шахсӣ дар пойтахт барои осон гардонидани мушкилоти шаҳрвандон мусоидат мекунад. Вале аз ҷониби ронандагон ҳар гуна суруду мусиқӣ шунавонида мешаванд, ки на ба завқи ҳама мусофирон мувофиқ аст. Баъзе аз пулчинҳои ин намуди наклиёт аз одоби муомила дур буда, бо садои дағал ва баланди худ табъи мизоҷонро хира мекунанд. Тақрибан як соли охир дар автобусу троллейбусҳои пойтахт хизматрасонӣ, махсусан, муомилаи ронанда ва пулчинҳои онҳо хеле хуб шудааст ва дида мешавад, ки онҳо бо сару либоси тозаю озода ба шаҳрвандон хизмат мерасонанд. Мутаассифона, дар дигар намуди микроавтобусҳо дар магнитофонҳои мусофирбарашон аксаран сабтҳои ғайритоҷикиро пахш мекунанд. Онҳо аксаран ба мазмуну мундариҷаи суруд ки талаботи моро қонеъ гардонанд? Рӯ ба бегонагон оварданро сабаб чӣ бошад? Охир, чаро бо забони модариамон натавонем, ки суруде бишнавем? Имрӯз бояд бештар сурудҳои устодони санъат Б. Ниёзов, Б. Исҳоқова, Ҷ. Муродов, З. Нозимов, О. Ҳошимов, М. Эргашева, Н. Рауфова, Т. Хушвақтов, Ф. Ҳасанов, Т. Муҳиддинов, Д. Холов, С. Билолов, Қ. Абдуллоев ва боз даҳҳо нафар сароандаҳои шинохтаву хушсадоямонро тарғиб намоем.

Ба андешаи мо гӯшҳоро бояд бештар ба шунидани лафзи модариамон одат кунонем. Суруд ҳам воситаи тарбия аст. Аз дигар сӯ, он воситаи зебоист. Пас, агар тарбиядидаву зебо будан хоҳем, бояд, ки бештар ба суруду оҳанги тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоему ба тарғиби он саҳм бигирем.

Дуруст аст, ки солҳои охир сафи ҳофизони ҷавон бамаротиб афзудааст. Мағозаҳои фитафурӯшӣ пур аз маҳсули эҷоди онҳост, аммо сад афсӯс, ки аксари ин фитаҳо бори маънӣ намекашанд.

Онҳо саросар «шеър»-ҳои пур аз «сӯхтам»-у «пухтам»-ҳост. Суруд бояд дар тарбияи инсон, бахусус, шунавандааш нақш гузорад. Чаро мо матну оҳанги 20-30 сол пеш сурударо дар зеҳнамон ҷой дода тавонистаему ҳамагӣ агар даҳ маротиба агар дирӯзакак шунида бошем ҳам, наметавонем, ки ҳатто як байти онро дар хотир нигоҳ дорем? Ин албатта, вобаста аст ба маҳорату салиқаи иҷрогари суруд. Суруд ҳамон вақт хуб ва хотирмон мебарояд, ки пеш аз ҳама матн бо оҳанг мувофиқати комиле дошта бошаду шунавандаро аз ин ҷиҳат ба худ ҷалб карда тавонад. Ҳоло ба қавле ҳама шоиру бастакор ва ҳофиз шудаанд. Фикр мекунам, ки ҳалли ин мушкилот вобаста аст ба шӯроҳои бадеии мутаалиқ ба муассисаҳои Вазорати фарҳанги ҶТ ва Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Пойтахт пойтахт аст ва мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки дар марказ ҳаёт ба сар бурда истода, ба тамоми қоидаву қонуни шаҳрнишинӣ риоя намоем. Ин вазифаи ҳар як сокини шаҳр маҳсуб меёбад. Умуман, дар ин самт бояд диққати ҳамешагӣ ва ҷиддӣ дод.

***Ҳотами ҲОМИД***

# АГАР БА ЧАШМИ РАССОМ БУБИНЕМ...



Оскар Клод Монэ, рассоми фаронсавӣ, ба Лондон омада, мусавварои «Куништи Вестминстер»-ро офарид. Дар он кунгураҳои куништ андаке аз абрҳо боло тасвир гардида буданд.

Сокинони шаҳр бо дидани мусаввара дар тааҷҷуб афтиданд, ранги абрҳоро, ки арғувонӣ диданд, на хокистарранг. Аввал барои ин эътироз баён карданд. Аммо вақте ба хиёбонҳои Лондон баромаданду аз нав бо диққат ба абрҳо нигаристанд, онҳоро ҳамчунон дарёфтанд, ки рассоми фаронсавӣ тасвир карда буд. Сабаби арғувонии абрҳоро низ пайдо намуданд. Тобиши сурхчатоб бо сабаби фаровонии дудҳо будааст. Ба ҷуз ин, хонаҳои сурхи хиштӣ ба ранги абрҳо таъсир доштааст.

Пас аз ин мусаввара абрҳои Лондонро мардум ҳамон тавре медиданд, ки рассом дида буд. Яъне, агар ба чашми рассоми асилу бузург дунёро бубинем, пас рангҳову зебоиҳое ҷилвагар мешаванд, ки моро дар ҳайрат меоранд ва ин сайёра ё худ Заминро бештару беҳтар аз рӯзгори пешин дӯст медорем.

***Таҳияи Абдулқодири РАҲИМ***



Аҳли кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармеъмори КВД «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» Миршариф Шаҳобов нисбати даргузашти бемаҳали

***ДУХТАРАШ***

ҳамдардии амиқ баён намуда, аз Худованди муттаъол ба аҳли хонаводаш сабри ҷамил хоҳонанд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зерсохторҳои он бинобар даргузашти нобаҳангоми дотсенти кафедраи "Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ"-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С. Осимӣ

***ҲОМИДОВ КОМИЛҶОН АБДУРАУФҶОНОВИЧ***

сахт андуҳгин буда, ба наздикон ва хешовандони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

# БУЗУРГӢ АЗ ДОНИШТАЛАБИСТ

Дониш андӯхтан аз масъалаҳои умдаи рӯзгор аст, ки бузургони ҳамаи давру замон муҳимияти онро таъкид намудаанд. Устод Рӯдакӣ ҳанӯз ҳазор сол пештар аз ин донишро «чароғи равшан» гуфта, онро ба ҷавшан - як навъ либоси ҷангӣ ташбеҳ додааст. Асрҳо боз ин гуфтаи эшон дар ҳаёт тасдиқи худро ёфта истодааст. Дар Қуръони Маҷид ва ҳам аҳодиси набавӣ аз илмомӯзӣ таъкидоти зиёде рафтааст. Масалан, «Илмро биҷӯед, агарчӣ дар Чин бошад» - омадааст дар суханони раҳнамо. Манзур ин аст, ки ҳар чӣ бароятон мушкил ояд ҳам, бояд аз омӯзиш канора наҷӯед, зеро бедонишӣ, беилмӣ касро нодор, нотавон, заифу ночор ва билохира, бехирад мегардонад.

Дар мақолу зарбулмасалҳои халқӣ низ бедонишӣ мазаммат шудааст. Масалан, «Одами нодон мисли кӯр аст» ё «Ҷони нодон - дар азоб» ва монанди ин. Пас аз воқеаҳои Нагасакӣ ва Хиросимаи давлати Ҷопон ҳукумат минбаъд тамоми дороияшро ба соҳаи маориф бахшид, зеро маориф манбаи тайёр кардани кадрҳост, мутахассисониояндаи ин ё он соҳа ҳама тавассути омӯзишу парвариш дар таълимгоҳҳо соҳиби ақлу идрок, ҷаҳонбинӣ мегарданд. Натиҷа ҳамин шуд, ки то солҳои охир Ҷопон дар тамоми соҳаҳо, бахусус, техника ва технология ҷаҳонро тасхир намуд. Танҳо ширкати «Панасоник»-аш дар тамоми дунё моли худро муаррифӣ карда, шуҳратёр гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар замони соҳибистиқлолиаш ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода истодааст. Албатта, дар мо ҳоло ҳам камбудиву норасоиҳо барои ба амал баровардани дастовардҳои худ дар минтақа ва ҷаҳон зиёданд. Аввал ин ки мо давлати нисбатан ҷавонем ва тамоми дастовардҳои вобаста ба тараққиёти илму техника ба дигарон насиб гардид. Аммо имрӯз кӯшишу талоши роҳбари давлат ба он равона гардида истодааст, ки дар аксари соҳаҳо дастболо бошем. Танҳо эълон доштани соли 2010-ум соли илму инноватсия чӣ қадар мушкили соҳаро ҳаллу фасл намуд.

Бинобар он, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятнок шуморида, мекӯшад, ки бо беҳтарин донишу фаҳмиши насли оянда ин марзу бумро соҳибӣ намоянд.

Яке аз масоили умдае, ки ҷумҳуриамон пеш гирифтааст, сохтани мактабҳост, ки басо саривақтист. Ба ифтихори санаҳои муҳими таърихӣ Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ҳамасола теъдоди зиёди муассисаҳои таълимиро сохта, қисми дигарашонро аз таъмири асосӣ баровардаву мавриди истифода қарор медиҳад. Танҳо дар соли 2012 (бахшида ба Иҷлосияи 16-и Шӯрои Олӣ ва Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 248 бинои мактаб сохта, ба истифода дода шуд. Ин миқдор мактаб, ки дар тамоми манотиқи ҷумҳуриамон қомат афрохт ва ин раванд сол то сол идома дорад, бо маблағи зиёда аз 320 миллион сомонӣ сохта шуд ва барои 43647 нафар хонанда пешбинӣ гардид. Баъдтар боз 35 мактаби дигар бо маблағи 179 миллион сомонӣ барои 11520 ҷойи нишаст сохта ва ба истифода дода шуд. Дар баробари ин, дар назди мактабҳо 213 бинои иловагӣ бо маблағи 140 миллион сомонӣ барои 32127 ҷойи нишаст сохта шуд. Бар замми ин, дар қаламрави ҷумҳуриамон 30 би-нои муассисаи таълимӣ ба маблағи 10 миллиону 411 ҳазор сомонӣ аз таъмиру таҷдиди асосӣ бароварда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Аз ҳисоби маблағҳои мутамарказ бошад, 12 иншооти соҳаи маориф барои зиёда аз 2200 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд. Дар маҷмӯъ, тайи 27 соли Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон бештар аз 2 ҳазор мактаб сохтаву ба истифода дода шудааст.



Мушкилоти асосӣ ин азхуд кардани донишҳои замонавист. Барои инсони хубу шоистаи даврон шудан аз бар кардани донишҳои назарӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳост, вагарна хондану амал накардан ҳарду дар як паллаи тарозу меистанд. Шайх Саъдӣ хушдор додааст, ки:

*Илм чандон, ки бештар хонӣ,*
*Чун амал дар ту нест, нодонӣ.*

Дар шароити кунунӣ кулли воситаҳои аз бар кардани илму дониш муҳайёст. Акнун танҳо ташаббус, маҳорат ва номуси ҷавонмардӣ лозим аст, ки ба масъалаи саводомӯзӣ ҷиддан машғул гашт.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо аксаран медонем, ки бархе аз ҷавонон бо вуҷуди хуб будани вазъи иқтисодиашон аз омӯзиши донишандӯзӣ саркашӣ мекунанд. Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ҷойе таъкид намудааст: «Ҳар он илму донише, ки аз бар намудаам, аксаран то синни ҳаждаҳсолагиам ба ман даст дод». Вай ҳамагӣ 57 сол умр дид, вале номи худро тавассути илму донишаш ба таври абадӣ боқӣ гузошт. Ӯ дар илмомӯзӣ таъхир накарданро таъкид намудааст:

*Имрӯз бикун чу метавонӣ коре,*
*Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард.*

Оре, саводнок будан хуб аст. Агар инсон дорои ақлу хуш намебуд, ҷаҳон тараққӣ намекард. Ҳанӯз аз даврҳои асри сангӣ одамон ҳеҷ гуна муомилаю муоширатро намедонистанд. Танҳо дар натиҷаи заҳмату кӯшиш то ба имрӯз расидем, яъне имконияҳои офаридаи Худовандро дуруст ҷо ба ҷо кор фармудем. Агар савод намебуд, ин гуна техникаҳои азимҷусса, мошину киштиҳои гаронвазн, тайёраву қатора, барқу воситаҳои роҳсозӣ аз куҷо пайдо мешуд? Пас, масъалаи бузурге дар рӯ ба рӯямон истодааст, ки он ҳам бошад, аз худ кардани дониш аст. Натиҷаи дониш савод аст, савод, ки бошад, мушкилоти рӯзгор аз байн меравад. Танҳо ба хотир овардани каналу туннелҳо кофтан кофист, ки зарурати донишро дарк намоем. Каналу туннелҳо тавассути техникаҳо канда мешаванд, пахта низ бо мошин ҷамъоварӣ мешавад. Ҳанӯз дар даврҳои нав, зуҳур кардани велосипедро одамони бори аввалдида, шайтонароба номида буданд. Имрӯз аз ин дастёри беминнат одамон ба таври фаровон истифода мебаранд. Ихтирои киштиҳои кайҳонӣ, мошинҳои гуногунтамғаи хориҷӣ ва монанди ин, ҳама аз баракати омӯзишу савод аст. Савод, дониш аст, ки инсон зиндагиашро бароҳаттар ташкил менамояд. Имрӯзҳо шогирдони мактаби олӣ, литсею коллеҷҳо бо донишҳои гирифтаашон қаноат накарда, омӯзишро дар ҷумҳуриҳои хориҷа давом дода истодаанд.

Ҳама гуна муносибатҳои байни давлатҳо, ҳамкорҳои ҳасанаи илмӣ, иқтисодӣ, тиҷоративу фарҳангӣ ба дараҷаи саводнокиамон вобаста аст. Касро аз тарзи гуфтору рафтор, пеш аз ҳама, тавассути ақлу идрокаш шинохта, баҳо медиҳанд. Манзурамон ин аст, ки агар инсон дорои ин ҳама сифатҳое, ки гуфта шуд, худро дар ҷамъият идора карда, ҳамчун намуна нишон дода тавонад, ин боиси хурсандӣ ва болидаруҳии худи ӯ ва атрофиёнаш хоҳад гардид.

Инсонро барои саводу донишаш бояд қадр намуд, на барои дорой ва молу мулкаш. Савод муайянкунандаи шахсият аст. Бинобар он, мусаллаҳ будан бо донишҳои кунунӣ вазифаи ҳар як фарди солимақл мебошад.

**Ҳотами ҲОМИД,**
**рӯзноманигор**

**Индекси обунаи рӯзнома:** 69022
**Суратҳисоби бонкии рӯзнома:** **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

**Муассис:**
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Учредитель:**
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
*- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ*

**Сардабир**
Дилбар ТАБАРОВА

**Ҳайати таҳририя**
Ҷ.Ҷ. АҲМАДЗОДА
Н.Ю. МИРЗОЗОДА
А. ФОЗИЛОВ
П.А. ЯСУНОВ

**Саҳифабанд**
Дониёр САТТОРОВ

**Нишонии идораи рӯзнома:**
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-07, 227-22-39**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод 1800 нусха

**Арзиши солонаи обуна:**
72 сомонӣ

**Хабарнигорон:** Неъмат Раҳмат, Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)
*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*